*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 41 - 43 (4624 - 4626) | ШАНБЕ, 18 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### ДАР БОРАИ МАСУНИЯТИ ЮРИСДИКСИОНИИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ВА МОЛИКИЯТИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, тартиб ва ҳолатҳои татбиқи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти онро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **давлати хориҷӣ** – давлат, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, воҳидҳои таркибии давлат ва мақомоти онҳо, ташкилотҳои дигар ва (ё) намояндаҳои ваколатдори давлат, ки дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқи амалӣ намудани ваколатҳои мустақили ҳокимиятро доранд;

2) **моликияти давлати хориҷӣ** – молу мулки ба давлати хориҷӣ тааллуқдошта, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор доранд;

3) **масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он** – масунияти судӣ, масуният нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд;

4) **масунияти судӣ** – уҳдадории суди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба риоя намудани масунияти давлати хориҷӣ ҳангоми баррасии парвандаҳои нисбат ба ин давлат оғозгардида ва худдорӣ намудан аз ҷалби давлати хориҷӣ ба иштирок дар мурофиаи судӣ;

5) **масуният нисбат ба чораҳои таъмини даъво** – уҳдадории суди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба худдорӣ намудан аз гузоштани ҳабс ба моликияти давлати хориҷӣ ё нисбат ба ин давлат андешидани чораҳои дигаре, ки минбаъд метавонанд баррасии баҳс ва (ё) иҷрои ҳалномаи судро таъмин кунанд;

6) **масуният нисбат ба иҷрои ҳалномаи суд** – уҳдадории суд ё мақомоте, ки иҷрои маҷбурии ҳуҷҷати иҷроро амалӣ менамояд, оид ба худдорӣ намудан аз нигаронидани ситониш ба моликияти давлати хориҷӣ, андешидани чораҳои дигар нисбат ба давлати хориҷӣ ва моликияти он бо мақсади иҷрои маҷбурии ҳалномаи суд;

7) **суди Ҷумҳурии Тоҷикистон** – судҳои низоми ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

8) **юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон** – маҷмӯи ваколатҳои суди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои ҳуқуқӣ дар доираи салоҳияти худ;

**(Давомаш дар саҳ. 2)**





## НАВРӮЗ КУҲАНТАРИН ОИНИ МИЛЛӢ ДАР ҶАҲОН АСТ

**Ҳаждаҳуми марти соли 2023 дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Ҷашни байналмилалии Наврӯз ҷамъомади тантанавӣ баргузор гардид.**

Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода иброз намуд, ки Наврӯз бо баробар гаштани рӯзу шаб фаро мерасад ва на танҳо ҷашну шодмонӣ, балки мояи ифтихору сарфарозӣ ва муаррифгари таъриху фарҳанги бузурги миллати мо дар сатҳи ҷаҳонӣ мебошад.

- Наврӯз дар таърихи халқи куҳанбунёду соҳибфарҳанги тоҷик ва умуман халқҳои ориёинажод мақому манзалати хоса дошта, дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи миллатамон такомул ёфтааст. Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақоми байналмилалӣ гирифтани Наврӯз аз таърихи куҳан доштани миллати мо шаҳодат медиҳад,- таъкид намуд Маҳмадтоир Зокирзода.

Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Амонулло Хайрулло зикр намуд, ки Наврӯз яке аз ҷашнҳои қадимтарини мардуми мо буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад. Ин ҷашн дар арафаи баробар шудани шабу рӯз, нахустин рӯзи баҳор ва оғози солшумории хуршедӣ, яъне якуми Фарвардин фаро мерасад. Бинобар ин, Наврӯзро «Ҷашни сари сол» низ меноманд. Дар бораи пайдоиши ин ҷашни бостонӣ дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, «Таърихи Табарӣ», «Ат-тафҳим» ва «Осор-ул боқия»-и Абурайҳони Берунӣ, «Наврӯзнома» - и Умари Хайём, «Нахбат-уд-даҳр» - и Димишқӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ маълумот дода шудааст. Аз ҷумла, Абулқосим Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ҳамчун иди расмӣ таҷлил намудани Наврӯзро ба шоҳ Ҷамшед нисбат медиҳад.

- Фалсафаи Наврӯз ин оғози ҳаёти нав, рӯзи нав, рӯҳияи наву тоза, зиндашавии табиат ва оғози мавсими киштукори нав мебошад. Мувофиқи ривоёти таърихӣ, Куруши Кабир Наврӯзро ҷашни миллӣ эълон карда, ба поксозии макони ҷамъиятӣ, манзил ва бахшиши маҳкумон иқдом менамуд. То имрӯз дар арафаи Наврӯз анъанаи «хонатаконӣ» миёни мардум боқӣ мондааст, ки он дорои аҳамияти экологӣ ва озодагӣ мебошад. Дар арафаи ин ҷашни бостонӣ кинаву кудуратро аз дил дур намудану шодмонӣ кардан низ ҳикмат дорад. Умари Хайём дар «Наврӯзнома»-аш чунин зикр кардааст: «Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ бипайвандад, то Наврӯзи дигар умр дар шодӣ гузаронад»,- хулоса намуд Амонулло Хайрулло.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода иброз намуд, ки ба шарофати Истиқлолияти давлатӣ оини аҷдодӣ - Наврӯз эҳё ва барои рушди минбаъдаи русуми наврӯзӣ заминаи мусоид фароҳам гардид. Ин ҷашни бузург ҷанбаи умумибашарӣ дорад. Наврӯз таҷассуми пирӯзии нур бар зулмот, гармӣ бар сардӣ ва хубӣ бар бадӣ мебошад. Табиист, ки чунин суннати пурарзиши табиӣ ва инсондӯстонаву хайрхоҳона ба ҳеҷ гуна маҳдудият тобеъ намегардад. Наврӯз ҷашни зироаткорӣ, фарҳанги баланди созандагии инсон ва табиат аст. Бузургони мо Наврӯзро ҳамчун ҷашни тавҳид, ягонагии инсон ва созандагӣ эътироф кардаанд, ки он ба ягон дину мазҳаб робита надорад.

Узви Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Муҳаммад Шодиён дар бораи таърихи таҷлили ин ҷашни бостонӣ маълумот дода, ёдовар шуд, ки Наврӯз барои мардуми мо дар қатори дигар иду ҷашнҳои миллӣ, ба монанди Тиргон, Меҳргон ва Сада аз куҳантарин, барҷастатарин ва муқаддастарин расму оинҳо ба ҳисоб меравад. Он ҷашнест, ки зиндагиву рӯшноӣ, некиву накукорӣ, сулҳу созандагиро меситояд ва мақоми инсонро гиромӣ медорад.

Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуҳалим Ғаффорзода ва мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Комрон Ҷамшедзода низ вобаста ба Наврӯз андешаҳояшонро баён намуданд. Зикр гардид, ки асолати иҷтимоиву ахлоқии Наврӯз хеле бузург буда, он нишонаи пешрафти тафаккури бунёдкоронаи халқ мебошад, зеро Наврӯз рамзи рӯзи нав, ибтидои соли нав ва иқдому амалҳои нави ободонию тозакориҳост.

Дар поёни ҷамъомад Маҳмадтоир Зокирзода ёдовар шуд, ки Наврӯз рамзи баҳор ва оғози мавсими киштукор буда, баракати ҳосили деҳқон аз заҳмати рӯзафзуни баҳор оғоз мегирад.

- Чун анъана имрӯзҳо кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ба киштукори баҳорӣ ва ободонии Ватани азизамон камар бастаанд, то кишвари офтобию ҳамешабаҳорамон зеботар гардида, сатҳи зиндагии мардум болотар равад. Анъанаҳои наврӯзӣ моро водор месозад, ки барои ободии Ватани азизамон таҳти роҳнамоиву ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳарвақта бештар содиқонаву софдилона заҳмат кашему кӯшиш намоем, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо аз Наврӯз то Наврӯз боз ҳам ободу зебо ва неруманду пешрафта гардад, - таъкид кард Маҳмадтоир Зокирзода.

**Сайфиддин СУННАТӢ,**
**«Садои мардум»**



## МУЛОҚОТИ МАҲМАДТОИР ЗОКИРЗОДА БО УМУТ АҶАР

**Ҳабдаҳуми марти соли 2023 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Умут Аҷар мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки Ҷумҳурии Туркия аз аввалин кишварҳое буд, ки 29 - уми январи соли 1992 Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф ва муносибатҳои дипломатиро бо кишвари мо барқарор намуд.

То ба имрӯз зиёда аз 80 санади дуҷонибаи ҳамкорӣ ба имзо расида, дар баррасии ҷонибҳо ҳоло пешнависи 30 санади дигар қарор дорад.

Механизми ҳамкорӣ байни ҳар ду кишвар Комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркия оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва техникӣ мебошад. Нишасти нахустини он моҳи сентябри соли 2000-ум барпо шуда, то ин вақт ёздаҳ ҷаласаи он баргузор гардида, иҷлосияи навбатии он соли ҷорӣ дар назар аст.

Айни замон бештар аз 134 ширкати Ҷумҳурии Туркия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти босамар доранд.

Дар Маҷлиси намояндагон Гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо Маҷлиси бузурги миллии Ҷумҳурии Туркия фаъолияташро дар сатҳи хубу сифати баланд ба роҳ мондааст.

Аз 12-ум то 15-уми октябри соли 2021 сафари расмии Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Туркия доир гардид. Дар доираи ин сафар 13-уми октябри соли 2021 Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода бо роҳбарияти воломақоми ин кишвар дидору гуфтугӯ дошт.

Аз он қаноатмандӣ шуд, ки дар сафари мазкур Протокол оид ба ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси бузурги миллии Ҷумҳурии Туркия ба имзо расид.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи**
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## БАРРАСИИ МАСОИЛИ МАРБУТ БА ТАҲСИЛОТИ ФАРОГИР

**Таҳсилоти фарогир дар ҷаҳон, ки баъд аз баргузории Конфронси умумиҷаҳонӣ оид ба зарурати таълими шахсони имконияташон маҳдуд (соли 1994 дар Испания) ба роҳ монда шуда буд, оғоз гардид. Мақсад аз он даъвати кишварҳо барои ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони дорои имконияти маҳдуд ва соҳибкасб намудани онҳо мебошад. Тоҷикистон ин ва дигар конвенсияву созишномаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла «Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак», «Созишнома оид ба ҳуқуқҳои маъюбон» - ро ҷонибдор мебошад.**



Масъалаи мазкур дар ҷамъомаде, ки 17-уми марти соли равон дар Китобхонаи миллӣ бо ибтикори Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон, ЮНИСЕФ зери унвони «Таҳсилоти фарогир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» доир шуд, меҳвар буд.

Дар он муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ, муовини роҳбари намояндагии Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар Тоҷикистон Эри Дlivedӣ, муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва коршиносони соҳа иштирок намуданд.

Дилрабо Мансурӣ бо ёдоварӣ аз он, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба шахсони имконияташон маҳдуд таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онҳоро ҳамеша дастгирӣ менамоянд, чунин иброз намуд: «Сиёсати давлатии соҳаи маориф дар Тоҷикистон ба тағйироти куллии соҳа нигаронида шуда, дар ин самт як қатор санадҳои ҳуқуқии танзимкунанда қабул гардидаанд, ки барои боло бурдани сифати таҳсилот мусоидат мекунанд. Бо дастури Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо мақсади ворид шудан ба стандартҳои муосири ҷаҳонии таҳсилот Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаи дуюми соҳибистиқлолӣ ба ҷорӣ намудани низоми таҳсилоти фарогир оғоз намуд. Дар кишвари мо таҳсили фарогир аз муассисаҳои таълимии томактабӣ оғоз шуда, то таҳсилоти олии касбӣ идома меёбад».

Коршиносон зикр намуданд, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандон, аз ҷумла шахсони имконияташон маҳдуд, ҳуқуқи таҳсили ройгонро кафолат додааст. Ҳуқуқ ба таҳсил барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар «Стратегияи рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ пешбинӣ шудааст. Ба ҷуз ин, дар моддаи 22-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» зикр гардидааст, ки барои кӯдакони гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ имкони таҳсил надоранд, муассисаҳои таҳсилоти махсуси умумӣ, мактаб - интернатҳо таъсис дода мешавад. Чунин кӯдакон инчунин метавонанд бо розигии волидон ё шахсони онҳоро ивазкунанда якҷо бо кӯдакони солим дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил намоянд.

Айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор муассисаҳои махсус фаъолият доранд, ки кӯдакони сустбин, ношунаво, гунг ва гирифтори иллатҳои рӯҳиро ба таълиму тарбия фаро гирифтаанд.

Таъкид шуд, ки бо вуҷуди чораҳои андешидашуда, ҳоло дар ин самт мушкилоте мавҷуданд, ки ҳалли бетаъхирро тақозо доранд. Ҳарчанд дар баъзе донишгоҳҳои кишвар факултетҳои махсус барои омода кардани мутахассисон амал кунанд ҳам, мутахассисон намерасанд.

Дар робита ба мавзӯъ муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Парвина Маликзода чунин гуфт: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таҳсил фаро гирифтани кӯдакони имконияташон маҳдуд чораҳои зиёд андешида шудааст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» вобаста ба таҳсили кӯдакони имконияташон маҳдуд моддаҳои алоҳида мавҷуд мебошад. Дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Кӯлоб, Хоруғ ва ноҳияи Восеъ марказ барои кӯдакони имконияташон маҳдуд фаъолият мекунанд. Дар фаъолияти ин муассисаҳо як қатор мушкилот ҷой доранд, ки нарасидани мутахассисон - дефектологҳо, олигофренопедагогҳо, логопеду равоншиносон, машваратчиёни тиббӣ-педагогӣ, маводи таълимӣ аз ҳамон ҷумлаанд».

Таҷрибаи кишварҳои дигар нишон медиҳад, ки барои ташкили таҳсилоти фарогир муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд заминаи пуриқтидори моддӣ - техникӣ, методӣ ва кадрӣ дошта бошанд.

**Фарзонаи ФАЙЗАЛӢ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МАСУНИЯТИ ЮРИСДИКСИОНИИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ ВА МОЛИКИЯТИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

(Идома аз саҳ. 1)

9) **ваколатҳои мустақили ҳокимият** – ваколатҳои ба соҳибихтиёрӣ асосёфтаи давлат, ки бо мақсади амалисозии ҳокимияти давлатӣ анҷом дода мешаванд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ**

Давлати хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон масунияти юрисдиксиониро бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода менамояд. Суд уҳдадор аст масъалаи пешниҳод намудани масунияти юрисдиксиониро ба давлати хориҷӣ ҳатто дар ҳолати иштирок накардани он дар муҳокима баррасӣ намояд.

**Моддаи 4. Имтиёз ва масуниятҳое, ки Қонуни мазкур маҳдуд намекунад**

1. Қонуни мазкур имтиёз ва масуниятҳоеро, ки мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба давлати хориҷӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои намояндагиҳои дипломатӣ, муассисаҳои консулӣ, миссияҳои махсус, намояндагиҳо дар назди ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин ба роҳбарони давлатҳо, ҳукуматҳо ё роҳбарони мақомоти корҳои хориҷии давлатҳои хориҷӣ пешниҳод мешаванд, маҳдуд намекунад.

2. Қонуни мазкур масуниятеро, ки аз ҷониби давлати хориҷӣ мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ нисбат ба киштиҳои ҳавоӣ ё объектҳои кайҳоние, ки ба давлати хориҷӣ тааллуқ доранд ё бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ истифода мешаванд, маҳдуд намекунад.

**Моддаи 5. Принсипи мутақобила оид ба масъалаҳои татбиқи масунияти юрисдиксионӣ**

1. Масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, метавонад дар асоси принсипи мутақобила маҳдуд карда шавад, агар мавҷудияти маҳдудиятҳои масунияти юрисдиксионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моликияти он, ки оид ба он ва молу мулки он дар давлати хориҷӣ масъалаи вобаста ба масуният ба миён омадааст, муқаррар гардад.

2. Ҳангоми баррасии парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ суд ҳуқуқ дорад бо ташаббуси худ ё дархости тарафҳо принсипи мутақобиларо татбиқ кунад. Таносуби ҳаҷми масунияти юрисдиксионие, ки дар давлати хориҷӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад ва масунияти юрисдиксионие, ки ба давлати хориҷӣ мутобиқи Қонуни мазкур пешниҳод шудааст, аз ҷониби суд дар асоси далелҳои пешниҳоднамудаи тарафҳо ва хулосаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

3. Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба масъалаҳои масунияти юрисдиксионие, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моликияти он дар давлати хориҷӣ пешниҳод мегардад, хулоса медиҳад.

### БОБИ 2. ТАРТИБИ ТАТБИҚ НАМУДАНИ МАСУНИЯТИ ЮРИСДИКСИОНӢ

**Моддаи 6. Розигии давлати хориҷӣ барои амалисозии юрисдиксия аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Давлати хориҷӣ наметавонад ба масунияти юрисдиксионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола кунад, агар он уҳдадории эътироф намудани юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбат ба баҳси мушаххас дар асоси ҳуҷҷатҳои зерин ба зимма гирифта бошад:

1) шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) созишномаи хаттии тарафҳои баҳс;

3) ариза дар суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё огоҳномаи хаттии суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё огоҳномаи хаттии тавассути роҳҳои дипломатӣ дар доираи муҳокимаи судии парвандаи мушаххас ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида.

2. Розигии давлати хориҷӣ барои амалисозии юрисдиксия аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба баҳси мушаххаси пешбининамудаи қисми 1 моддаи мазкур бозхонд шуда наметавонад ва ҳамаи марҳилаҳои муҳокимаи судиро фаро мегирад, ба истиснои ҳолатҳое, ки бозхонди чунин розигӣ дар созишномаи бо тарафи дигари баҳс басташуда пешбинӣ шуда бошад.

3. Ба мурофиаи судӣ дохил шудани давлати хориҷӣ ё амалисозии ягон амали мурофиавии дигар дар доираи муҳокимаи мушаххас бо мақсади изҳор намудани масунияти худ ё пешниҳоди далелҳои мавҷудияти ҳуқуқи моликият ба молу мулке, ки мавзӯи муҳокимаи судӣ мебошанд, ҳамчун розигии давлати хориҷӣ барои амалисозии юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намегардад.

4. Розигии давлати хориҷӣ барои татбиқ намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба баҳси мушаххас ҳамчун розигӣ барои амалисозии юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намегардад.

5. Иштирок накардани давлати хориҷӣ дар муҳокимаи судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун розигии он барои амалисозии юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи муҳокимаи мазкур дониста намешавад.

6. Ҳозир шудани намояндаи давлати хориҷӣ ба муҳокимаи судии суди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои додани нишондоди шоҳид ё ба сифати коршинос ҳамчун розигии он давлат барои амалисозии юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон дониста намешавад.

7. Розигии давлати хориҷӣ барои амалисозии юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба баҳси мушаххас ба масунияти давлати хориҷӣ нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва (ё) иҷрои ҳалномаи суд вобаста ба муҳокимаи мазкур паҳн намегардад.

**Моддаи 7. Даст кашидан аз масунияти судӣ**

1. Давлати хориҷӣ аз масунияти судӣ дасткашида эътироф мешавад, агар ба суди Ҷумҳурии Тоҷикистон даъво пешниҳод намояд, ба мурофиаи судӣ ба сифати шахси иштирокчии парванда дохил шавад ё амалҳои дигарро оид ба моҳияти баҳс иҷро кунад. Агар давлати хориҷӣ дар суд исбот кунад, ки то анҷом додани чунин амалҳо далелҳое, ки барои изҳори масуният асос мегардид, ба он маълум набуданд, дар ин сурат он метавонад дарҳол пас аз маълум шудани чунин далелҳо ба масуният ҳавола кунад.

2. Аз ҷониби давлати хориҷӣ ба имзо расондани созишномаи арбитражӣ ё ҳакамӣ оид ба ҳалли баҳси мушаххас бо иштироки он дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷро намудани уҳдадориҳое, ки ба миён омадаанд ё дар оянда метавонанд ба миён оянд, ҳамчун розигии давлати хориҷӣ ба масунияти судӣ даст кашидани давлати мазкур дониста мешавад.

3. Пешниҳоди даъво ба суди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби давлати хориҷӣ ҳамчун дасткашии ин давлат аз масунияти судӣ нисбат ба ҳама гуна даъвои муқобил, ки дар муносибати ҳуқуқӣ аз рӯи даъвои аввала ба миён омадааст, эътироф мегардад.

4. Аз ҷониби давлати хориҷӣ ба суди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани даъвои муқобили даъво ҳамчун аз масунияти судӣ оид ба даъвои аввала даст кашидани он дониста мешавад.

5. Даст кашидани давлати хориҷӣ аз масунияти судӣ нисбат ба баҳси мушаххас бозхонд карда намешавад ва ба ҳамаи марҳилаҳои муҳокимаи судӣ паҳн мегардад. Даст кашидани давлати хориҷӣ аз масунияти судӣ нисбат ба баҳси мушаххас ҳамчун дасткашии давлати мазкур аз масуният нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд эътироф намегардад.

### БОБИ 3. ҲОЛАТҲОИ ТАТБИҚ НАГАРДИДАНИ МАСУНИЯТИ СУДӢ

**Моддаи 8. Татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои алоқаманд бо иштироки давлати хориҷӣ дар аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ, амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ**

1. Масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳое, ки аз аҳдҳои ҳуқуқии маданӣ анҷомдодаи давлати хориҷӣ бармеоянд ва ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд нестанд, татбиқ намегардад, агар чунин баҳсҳо мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқи татбиқшаванда ба юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб ва ба амалисозии ваколатҳои мустақили ҳокимияти аз ҷониби давлати хориҷӣ алоқаманд набошанд.

2. Агар тарафҳои аҳди ҳуқуқии маданӣ давлатҳо бошанд ё тарафҳои аҳд дар бораи тартиби дигар ба созиш омада бошанд, муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур татбиқ намегардад.

3. Масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳое, ки ҳангоми амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодӣ аз ҷониби давлати хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар ҳудуди давлати дигар пайдо мешаванд ва оқибатҳои чунин фаъолият ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд мебошанд, татбиқ намегардад.

4. Ҳангоми муайян намудани алоқамандӣ байни аҳди анҷомдодани давлати хориҷӣ ва амалисозии ваколатҳои мустақили ҳокимияти аз ҷониби он, суди Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳият ва мақсади чунин аҳдро ба назар мегирад.

**Моддаи 9. Татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои вобаста ба иштирок дар ширкатҳо, ассотсиатсияҳо ва шахсони ҳуқуқии дигар**

1. Масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои вобаста бо иштироки давлати хориҷӣ дар ширкатҳо, ассотсиатсияҳо ва шахсони ҳуқуқии дигар, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд ё ҷойи асосии фаъолияти онҳо дар ҳудуди он қарор дорад, татбиқ намегардад, агар чунин шахси ҳуқуқӣ дар баробари давлатҳо, ташкилотҳои байналмилалӣ ва (ё) байниҳукуматӣ иштирокчиёни дигар дошта бошад.

2. Муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур, дар сурати пешбинӣ гардидани тартиби дигар дар созишномаи байни давлатҳои дахлдор, ҳуҷҷатҳои таъсисии ширкат, ассотсиатсия ё шахси ҳуқуқии дигар ё агар тарафҳои баҳс ба таври хаттӣ ба мувофиқаи дигар омада бошанд, татбиқ намешавад.

**Моддаи 10. Татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои вобаста ба ҳуқуқи моликият**

Масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои зерин бо иштироки давлати хориҷӣ, ки ба ҳуқуқи моликият вобастаанд, татбиқ намегардад:

1) оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои давлати хориҷӣ ба молу мулки ғайриманқули дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта;

2) оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои давлати хориҷӣ ба молу мулки манқул ва ғайриманқуле, ки дар натиҷаи ба мерос ё туҳфа гирифтан ё мавҷудияти молу мулки бесоҳиб пайдо мешаванд;

3) оид ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои давлати хориҷӣ доир ба идора намудани молу мулки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордошта;

4) оид ба муқаррар намудан ва амалисозии ҳуқуқи давлати хориҷӣ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва саноатие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти ҳимояи ҳуқуқӣ қарор доранд;

5) оид ба эҳтимолияти аз ҷониби давлати хориҷӣ вайрон кардани ҳуқуқҳои шахсони дигар ба объектҳои моликияти зеҳнӣ ва саноатие, ки ба шахсони сеюм тааллуқ дошта, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешаванд.

**Моддаи 11. Татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои вобаста ба истифодаи воситаҳои нақлиёти обӣ**

1. Масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳо оид ба истифодаи воситаҳои нақлиёти обӣ, ки давлати хориҷӣ соҳибмулк ё истифодабарандаи онҳо мебошад, татбиқ намегардад, агар дар лаҳзаи пайдо шудани далели барои даъво асосгашта чунин воситаҳо бо мақсади тиҷоратӣ ё мақсади дигари фоидаовар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шуда бошанд.

2. Муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур дар сурате татбиқ мешаванд, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

**Моддаи 12. Татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои вобаста ба ҷуброни зарар**

Масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳо оид ба ҷуброни зарари аз ҷониби давлати хориҷӣ ба ҳаёт, саломатӣ, молу мулк, шаъну шараф, эътибори кории шахси воқеӣ ва (ё) ба молу мулк, эътибори кории шахси ҳуқуқӣ расондашуда татбиқ намегардад, агар чунин талабот дар натиҷаи расондани зарар бо амал (беамалӣ) ё ҳолати дигар дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омада бошанд.

**Моддаи 13. Татбиқ нагардидани масунияти судӣ нисбат ба баҳсҳои меҳнатӣ**

1. Масунияти судӣ нисбат ба он баҳсҳои меҳнатӣ татбиқ намегардад, ки байни давлати хориҷӣ ва корманд оид ба коре, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ё қисман иҷро шудааст ё бояд иҷро шавад, ба миён омадаанд.

2. Муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур татбиқ намегарданд, агар:

1) корманд бо мақсади иҷро намудани уҳдадориҳои мушаххас оид ба амалисозии ваколатҳои мустақили ҳокимияти давлати хориҷӣ ба кор қабул шуда бошад;

2) корманд:

а) мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ агенти дипломатӣ ё шахси мансабдори консулӣ бошад;

б) корманди дипломатии намояндагиҳои доимии назди ташкилотҳои байналмилалӣ, миссияҳои махсус бошад ё ба ҳайати давлати хориҷӣ дар мақомоти ташкилоти байналмилалӣ ё конференсияи байналмилалӣ ба ин сифат шомил шуда бошад;

в) шахсе, ки масунияти дипломатӣ дошта бошад;

3) мавзӯи муҳокимаи судӣ ба кор қабул намудан, идома додани иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ ё барқарор кардан ба кори пештара бошад;

4) мавзӯи муҳокимаи судӣ қатъ гардидани муносибатҳои меҳнатӣ бо корманд бошад ва сарвари давлати хориҷӣ, ҳукумати давлати хориҷӣ ё роҳбари мақомоти корҳои хориҷии давлати хориҷӣ дар шакли хаттӣ тасдиқ кунад, ки чунин муҳокима ба манфиати амнияти ин давлати хориҷӣ дахл дорад;

5) дар лаҳзаи оғоз кардани муҳокима оид ба парванда дар суди Ҷумҳурии Тоҷикистон корманд шаҳрванди давлати хориҷие бошад, ки бо он шартномаи меҳнатӣ бастааст, ба истиснои ҳолате, ки ӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат намояд.

### БОБИ 4. МАСУНИЯТ НИСБАТ БА ЧОРАҲОИ ТАЪМИНИ ДАЪВО ВА ИҶРОИ ҲАЛНОМАИ СУД

**Моддаи 14. Масунияти давлати хориҷӣ нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд**

Давлати хориҷӣ нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд дорои масуният мебошад, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар он:

1) ба амалисозии юрисдиксияи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи 6 Қонуни мазкур розигӣ дода бошад;

2) бо мақсади қонеъ гардондани талаботе, ки мавзӯи муҳокимаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, молу мулкро захира ё ба таври дигар таъин карда бошад;

3) муқаррар карда бошад, ки молу мулки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарордоштаи давлати хориҷӣ аз ҷониби ин давлат бо мақсадҳои амалисозии ваколатҳои мустақили ҳокимият вобастанабуда истифода мешаванд ва (ё) барои истифода таъин гардидаанд.

**Моддаи 15. Молу мулки давлати хориҷӣ, ки вобаста ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд бо масуният фаро гирифта мешаванд**

1. Масуният нисбат ба чораҳои таъмини даъво ва иҷрои ҳалномаи суд молу мулки зерини давлати хориҷиро фаро мегирад, ки моликияти он мебошанд ва барои истифода аз ҷониби он бо мақсади амалисозии ваколатҳои мустақили ҳокимият таъин гардидаанд:

1) молу мулке (аз ҷумла маблағи пулӣ дар суратҳисоби бонкӣ), ки бо мақсади амалисозии вазифаҳои намояндагиҳои дипломатӣ ё муассисаҳои консулии давлати хориҷӣ, миссияҳои махсус, намояндагиҳои назди ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳайатҳои давлати хориҷӣ дар мақомоти ташкилотҳои хориҷӣ ё дар конференсияҳои байналмилалӣ истифода мегарданд ё таъин шудаанд;

2) молу мулки ҳарбӣ ё молу мулке, ки бо мақсади ҳарбӣ ё дар амалиёти сулҳофаронаи эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд;

3) сарватҳои фарҳангӣ ё маводи бойгоние, ки ба фурӯш гузошта нашудаанд ё барои фурӯхтан таъин нагардидаанд;

4) молу мулке, ки қисме аз нигораҳои намоишгоҳҳо буда, аҳамияти илмӣ, фарҳангӣ ё таърихӣ доранд ва ба фурӯш гузошта нашудаанд ё барои фурӯш таъин нагардидаанд;

5) молу мулки бонки марказӣ ё мақомоти дигари давлати хориҷӣ, ки назорати бонкӣ ба вазифаҳои он дохил мешавад.

2. Муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 1) ва 2) моддаи 14 Қонуни мазкур татбиқ мешаванд.

### БОБИ 5. ХУСУСИЯТҲОИ МУРОФИАИ СУДӢ ОИД БА ПАРВАНДАҲО БО ИШТИРОКИ ДАВЛАТИ ХОРИҶӢ

**Моддаи 16. Мурофиаи судӣ оид ба парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ**

Парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ аз ҷониби суди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, баррасӣ мегарданд.

**Моддаи 17. Ба давлати хориҷӣ супоридани огоҳнома оид ба муҳокимаи судӣ**

1. Огоҳнома дар хусуси оғоз карда шудани парванда нисбат ба давлати хориҷӣ дар суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳуҷҷатҳои дигари судӣ тавассути роҳҳои дипломатӣ фиристода мешаванд. Санаи гирифтани огоҳнома аз ҷониби идораи пешбарандаи сиёсати хориҷии давлати дахлдор санаи супоридани чунин ҳуҷҷатҳо ҳисобида мешавад.

2. Супориши суди Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба супоридани ҳуҷҷатҳо ба давлати хориҷӣ ва иҷрои амалҳои дигари мурофиавӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, ки тартиби расондани ёрии ҳуқуқиро танзим менамоянд, ба расмият даровarда мешавад.

3. Давлати хориҷие, ки дар муҳокимаи судӣ аз рӯи моҳияти парвандаи нисбат ба ӯ оғозгардида иштирок кардааст, наметавонад ба он ҳавола кунад, ки ҳуҷҷатҳо оид ба муҳокимаи судӣ тибқи муқаррароти қисмҳои 1 ва 2 моддаи мазкур супорида нашудаанд.

**Моддаи 18. Ҳалномаи ғоибона**

1. Суд ҳалномаи ғоибонаро нисбат ба давлати хориҷие, ки дар муҳокима дар суди Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок накардааст, баъд аз муқаррар кардани шартҳои зерин метавонад қабул намояд:

1) талаботи қисмҳои 1 ва 2 моддаи 17 Қонуни мазкур риоя шуда бошанд;

2) аз санаи супоридани ҳуҷҷатҳо ба давлати хориҷӣ дар бораи оғоз шудани парванда нисбат ба он на камтар аз ду моҳ гузашта бошад;

3) мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур давлати хориҷӣ натавонад аз масунияти судӣ истифода барад.

2. Нусхаи ҳалномаи ғоибонаи нисбат ба давлати хориҷӣ қабулгардида ба он давлат бо тартиби пешбининамудаи қисми 1 моддаи 17 Қонуни мазкур фиристода мешавад.

3. Мӯҳлати шикоят овардан нисбат ба бекор кардани ҳалномаи ғоибонаи суди Ҷумҳурии Тоҷикистон ду моҳ аз рӯзи супоридани нусхаи ин ҳалнома мутобиқи қисми 1 моддаи 17 Қонуни мазкур ҳисоб карда мешавад, агар дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

### БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 19. Татбиқ намудани Қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии то мавриди амал қарор дода шудани он пайдошуда**

Муқаррароти Қонуни мазкурро нисбат ба муносибатҳои ҳуқуқии то мавриди амал қарор дода шудани он пайдошуда татбиқ намудан мумкин аст, агар он дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, созишномаи хаттии тарафайн, ки шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф намешавад ё дар аризаи пешниҳодшуда ба суд дар доираи муҳокимаи судии парвандаи мушаххас пешбинӣ шуда бошад.

**Моддаи 20. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 21. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1949**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 358**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 7 декабри соли 2022, № 929**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНӢ (РАСМИКУНОНӢ)-И ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии пешгирӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро муқаррар намуда, ба ҳимояи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахс, ҷамъият ва давлат, таъмини амнияти миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **амалиёт ё аҳд бо молу мулк (воситаҳо)** – амалҳои шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ ё созмонҳои ҳуқуқии хориҷӣ, ки барои муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ нисбат ба маблағҳои пулӣ ё дигар молу мулк равона гардидаанд;

2) **амалиёт ё аҳди шубҳанок** – амалиёт ё аҳд бо молу мулк (воситаҳо), аз ҷумла кӯшиши анҷом додани амалиёт ё аҳд, новобаста аз маблағи он, ки нисбат ба он шубҳа вуҷуд дорад, ки он метавонад бо қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд бошад;

3) **бонки ниҳонӣ** – бонке, ки дар кишвари бақайдгирифта воқеан вуҷуд надорад, соҳиби иҷозатнома аст ва бо ягон гурӯҳи молиявии танзимшаванда, ки бояд таҳти назорати муштарак қарор гирад, муттаҳид нашудааст;

4) **воситаҳои гардони манзурӣ** – коғазҳои қиматноки манзурӣ (аз ҷумла саҳмияҳо, вомбаргҳо, чекҳо, векселҳо ва супоришномаҳои пулӣ) ё коғазҳои қиматноки дигар (аз ҷумла чекҳо, вомбаргҳо ва супоришномаҳои пулии пуркарданашуда), ки ҳуқуқ ба онҳоро бо пешниҳод намудан бе нишон додани номи гиранда медиҳанд;

5) **гурӯҳи молиявӣ** – гурӯҳи иборат аз шахси ҳуқуқӣ (ширкати асосӣ), ки фаъолият ва вазифаҳои иштирокдорони боқимондаи гурӯҳро бо мақсади назорати гурӯҳии онҳо, аз ҷумла филиалҳо, корхонаҳо (ҷамъиятҳо)-и фаръӣ ва намояндагиҳои он, ки ба онҳо сиёсату тартиботи татбиқшавандаи ҳамаи гурӯҳ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом татбиқ мегардад, роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозӣ менамояд;

6) **ғайрифаъолгардонӣ** – манъ кардани интиқол, мубодила, ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ ё амалиёти дигар бо молу мулк (воситаҳо)-е, ки дар моликият ё таҳти назорати шахс ё ташкилот, муштарӣ, контрагент ё молик-бенефитсиари ба рӯйхати шахсон, гурӯҳҳо ва ташкилотҳои бо терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд дохилшуда қарор доранд;

7) **даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда** – молу мулк (воситаҳо)-е, ки бевосита ё бавосита дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба даст оварда шудаанд;

8) **дороии маҷозӣ** – ифодаи рақамии дороие, ки метавонад ба тарзи рақамӣ савдо карда шавад ё интиқол дода шавад ва метавонад барои пардохт ё сармоягузорӣ истифода бурда шавад, ба истиснои маблағҳои электронӣ ва асъори рақамӣ, ки аз ҷониби давлатҳо бароварда шудаанд, коғазҳои қиматнок ва дигар дороиҳои молиявӣ;

9) **идоракунии хавфҳо** – ошкор кардан, баҳо додан ва дарк намудани хавфҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва татбиқи минбаъдаи чораҳо барои пешгирӣ ё коҳиш додани оқибатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки ба хавфҳои ошкоршуда мутобиқ мебошанд;

10) **кишварҳо ва ҳудудҳои дорои хавфи баланд** – давлатҳо ва ҳудудҳое, ки стандартҳои байналмилалиро дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом татбиқ намекунанд ё онҳоро ба таври нокифоя татбиқ мекунанд, инчунин минтақаҳои оффшорӣ;

11) **контрагентҳои хориҷӣ** – мақомоти салоҳиятдори хориҷӣ, ки дар доираи ҳамкории дархостшаванда уҳдадорию вазифаҳои монандро иҷро мекунанд;

12) **қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда** – анҷом додани амалиёти молиявӣ ё аҳдҳои дигар бо маблағҳои пулӣ, коғазҳои қиматнок ё молу мулки дигар, ки баръало даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда мебошанд, бо мақсади рӯйпӯш ва пинҳон намудани сарчашмаи ба даст овардани ин молу мулк ё бо мақсади мусоидат намудан ба шахсе, ки дар содир намудани ҷинояти асосӣ иштирок намудааст, то ки ӯ тавонад аз ҷавобгарӣ барои кирдорҳои содирнамудааш саркашӣ намояд, инчунин рӯйпӯш ё пинҳон кардани хусусияти аслӣ, маҳалли ҷойгиршавӣ, тарзи ихтиёрдорӣ, ҷойивазкунӣ, ҳуқуқ ба молу мулк ё мансубияти он, инчунин ба даст овардан, соҳибӣ кардан, истифода бурдан ё ихтиёрдории чунин молу мулк;

13) **маблағгузории терроризм** – бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифода бурдани онҳо ва ё бо дарки он ки ин воситаҳо аз тарафи террористи алоҳида ё гурӯҳ (ташкилот)-и террористӣ истифода мешаванд, ё бо мақсади таъминоти молиявии террористи алоҳида ё гурӯҳ (ташкилот)-и террористӣ ё барои ташкил, тайёр ва содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ истифода мегарданд ва ҳамчунин, агар ин воситаҳо воқеан барои содир намудани ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, инчунин маблағгузории террористи алоҳида ё гурӯҳ (ташкилот)-и террористӣ, ҳатто агар он бо амал (амалҳо)-и мушаххаси террористӣ алоқаманд набошад, ё барои маблағгузории сафарҳои шахсон ба давлатҳое, ки давлати будубош ё шаҳрвандии онҳо намебошанд, барои мақсадҳои содир кардан, ба нақша гирифтан, тайёр кардан ё иштирок намудан дар содир намудани амалҳои террористӣ ё дар тайёр кардани террористҳо ё гузаштан аз чунин тайёрӣ истифода нашуда бошанд;

14) **маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом** – бевосита ё бавосита пешниҳод намудан ё ҷамъ овардани воситаҳо бо мақсади пурра ё қисман истифода бурдани онҳо ё бо дарки он ки ин воситаҳо барои ғайриқонунӣ сохтан, истеҳсол кардан, соҳиб шудан, нигоҳ доштан, интиқол, ирсол ва ё ба соҳибияти каси дигар додани силоҳи ярақӣ (ядроӣ), нейтронӣ, кимиёвӣ, биологӣ (бактериологӣ), иқлимӣ, инчунин намуди дигари силоҳи қатли оми бо шартномаҳои байналмилалӣ манъшуда, ҳамчунин ба ҳар давлати дорои силоҳи зарравӣ набуда додани маводи ибтидоӣ ё махсуси таҷзияшаванда ё технологияе, ки баръало метавонад барои бунёди силоҳи қатли ом истифода гардад ва (ё) ба ягон шахс додани намудҳои дигари силоҳи қатли ом ё қисматҳои зарурии истеҳсоли он, ки бо шартномаҳои байналмилалӣ манъ гардидаанд, истифода мегарданд;

15) **мақоми ваколатдор** – мақоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом;

16) **мақомоти назоратӣ** – мақомоти салоҳиятдоре, ки ба зиммаи онҳо уҳдадории назорат дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом баҳри таъмини риоя гардидани талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда вогузор шудааст;

17) **молик-бенефитсиар** – шахс (шахсон)-и воқеие, ки бевосита ё бавосита (тавассути шахсони сеюм, аз ҷумла тавассути силсилаи соҳибият) соҳиби ҳуқуқи моликият (соҳиби иштироки афзалиятнок дар сармояи муштарӣ) мебошад (мебошанд) ё муштариро воқеан назорат мекунад (мекунанд), ё шахси воқеие, ки аз ном ё ба манфиати ӯ амалиёт (аҳд) анҷом дода мешавад, инчунин шахс (шахсон)-и воқеие, ки шахси ҳуқуқӣ ё созмони ҳуқуқии хориҷиро назорат мекунад (мекунанд);

18) **молу мулк (воситаҳо)** – ҳар гуна дороии моддӣ ё ғайримоддӣ, ашёи манқул ё ғайриманқул, новобаста аз тарзи ба даст овардани онҳо, инчунин ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ ё санадҳои гуногуншакл, аз ҷумла дар шакли электронӣ ё рақамӣ, ки ҳуқуқ ба чунин дороиҳо ва иштирок дар онҳоро тасдиқ менамоянд, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ, чекҳои роҳ, вомбаргҳо, векселҳо, аккредитивҳо, дороиҳои маҷозӣ ва ғайра;

19) **мониторинги молиявӣ** – маҷмуи чорабиниҳо оид ба пешгирӣ, ошкор ва роҳ надодани қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, ки аз ҷониби субъектҳои ҳисоботдиҳанда, мақоми ваколатдор ва мақомоти давлатии дигар амалӣ карда мешаванд;

20) **муассиси созмони ҳуқуқии хориҷӣ** – шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи соҳибият ба молу мулк (воситаҳо)-и худро ба мудири созмони ҳуқуқии хориҷӣ тавассути шартномаи идораи ба боварӣ асосёфта ё созиши дигари ба ин монанд вогузор менамояд;

21) **муносибатҳои корӣ** – муносибатҳои байни муштарӣ ва субъекти ҳисоботдиҳанда, ки дар асоси созишнома оид ба хизматрасонии молиявӣ ё хизматрасонии дигар, аз ҷумла амалӣ намудани амалиёт (аҳд) ба вуҷуд омадаанд;

22) **муносибатҳои муросилотии бонкӣ** – муносибатҳои шартномавӣ байни як ташкилоти қарзии молиявӣ (ташкилоти муросил) бо ташкилоти қарзии молиявии дигар (респондент) бо мақсади иҷрои амалиёти мутақобила, аз ҷумла пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба идоракунии маблағи пули нақд, клиринги чекҳо, суратҳисобҳои транзитӣ, мубодилаи асъор ва ҳисоббаробаркунии мутақобила;

(Давомаш дар саҳ. 3)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНӢ (РАСМИКУНОНӢ)-И ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ

**(Идома аз саҳ. 4)**

5. Мақоми ваколатдор метавонад якҷо бо мақомоти назоратӣ ё мустақилона санҷиши субъектҳои ҳисоботдиҳандаро оид ба риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом гузаронад.

**Моддаи 36. Ҳуқуқу уҳдадориҳои мақоми ваколатдор**

1. Барои амалӣ намудани вазифаҳояш мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад:

1) дилхоҳ иттилооту ҳуҷҷатҳоеро, ки бояд мутобиқи Қонуни мазкур дар субъектҳои ҳисоботдиҳанда ҷамъ гардида, нигоҳ дошта шаванд, дархост намояд;

2) дилхоҳ иттилооту ҳуҷҷатҳоеро, ки мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёр доранд ва нигоҳдорӣ мекунанд, барои муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дастрас намояд;

3) дар ҳолати ошкор гардидани аломатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар бораи боздоштани амалиётҳо бо молу мулк (воситаҳо) ба муҳлати муқарраркардаи моддаи 20 Қонуни мазкур қарор қабул намояд;

4) бо мақомоти салоҳиятдори давлатҳои хориҷӣ ё бо мақомоти ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳамкорӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом созишномаҳо ба имзо расонад;

5) бо ташаббуси худ ё мутобиқи дархост бо мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, инчунин ҷиноятҳои асосӣ табодули иттилоот намояд;

6) бо ташаббуси худ ё мутобиқи дархост бо мақоми салоҳиятдори давлати хориҷӣ дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом табодули иттилоот намояд;

7) дар таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом иштирок намояд;

8) ҳангоми аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ вайрон намудани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ба онҳо огоҳинома дар бораи бартараф намудани ҳуқуқвайронкунӣ ирсол намояд;

9) шахсони воқеию ҳуқуқии дорои таҷрибаи илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибаи дигари зарурӣро барои иштирок дар фаъолияти таҳлилии худ, аз ҷумла барои гузарондани таҳлили экспертӣ, таҳияи дастурамалҳо, гузарондани чорабиниҳои таълимӣ, таҳияи маводи методӣ, таъминоти барномавӣ ва воситаҳои дигари дастгирии иттилоотӣ, инчунин ташкили низоми иттилоотӣ дар соҳаи мониторинги молиявӣ бо шарти риояи дахлдори талаботи ҳифзи сирри хизматӣ, бонкӣ, андозӣ, тиҷоратӣ ва сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда ҷалб намояд;

10) барои пешниҳоди иттилоот оид ба амалиёт (аҳд)-и шубҳанок ё амалиёт (аҳд)-и дигар ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда амрномаю дастурҳо диҳад, инчунин онҳоро дар бораи усулҳо, тамоюлҳо, таҷриба ва аломатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом огоҳ намояд;

11) ба субъектҳои ҳисоботдиҳанда дар бораи сифату самаранокии ҳисоботи пешниҳодкардаи онҳо сари вақт фикру мулоҳиза пешниҳод намояд;

12) ба кормандони мақомоти дахлдори давлатӣ дар бораи усулҳо, таҷриба, тамоюлҳо ва аломатҳои қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом тавассути ташкили чорабиниҳои омӯзишӣ ва ирсоли ҳуҷҷатҳои дахлдор иттилоот пешниҳод намояд.

2. Зимни иҷрои вазифаҳои худ мақоми ваколатдор уҳдадор аст:

1) риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ ва давлатро дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти худ таъмин намояд;

2) низоми дахлдори нигоҳдорӣ, ҳифзи иттилооти дар рафти фаъолият дастрасшударо, ки сирри хизматӣ, бонкӣ, андозӣ, тиҷоратӣ ё сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда мебошад, таъмин намояд;

3) пешбурди маълумоти омориро дар асоси иттилооте, ки аз мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба масъалаҳои марбут ба самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом мутобиқи моддаи 5 Қонуни мазкур гирифта шудаанд, ба роҳ монад.

**Моддаи 37. Уҳдадориҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешниҳоди иттилоот ба мақоми ваколатдор**

1. Мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатие, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, уҳдадоранд:

1) иттилооти зарурӣро барои мақоми ваколатдор барои мониторинги молиявӣ ва муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор пешниҳод намоянд;

2) низоми дахлдори нигоҳдорӣ ва ҳифзи иттилоот дар рафти ҳамкорӣ бо мақоми ваколатдор дастрасшударо, ки сирри хизматӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андозӣ ё сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда мебошад, таъмин намоянд;

3) ба мақоми ваколатдор дар бораи натиҷаҳои санҷиш, таҳқиқу тафтише, ки аз рӯйи дархостҳо ва огоҳиномаҳо аз мақоми ваколатдор гирифташуда гузаронда шудаанд, иттилоот пешниҳод намоянд;

4) дастраси низомҳои иттилоотӣ ва махзани иттилоотии худро ба мақоми ваколатдор таъмин намоянд.

2. Мақомоти назорати Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин уҳдадоранд:

1) мақоми ваколатдорро ҳангоми мустақилона ошкор кардани амалиёт (аҳд)-и шубҳаовари марбут ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом хабардор намоянд;

2) ҳангоми мустақилона ошкор кардан ба мақоми ваколатдор дар бораи вайрон шудани меъёрҳои Қонуни мазкур аз тарафи субъектҳои ҳисоботдиҳанда хабар диҳанд;

3) риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд, шахсони ҳуқуқӣ ва давлатро дар ҷараёни амалӣ намудани фаъолияти назоратӣ таъмин намоянд.

3. Пешниҳоди иттилоот аз ҷониби мақомоти давлатӣ ифшои сирри хизматӣ, тиҷоратӣ, бонкӣ, андозӣ ё сирри дигари бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда намебошад.

**БОБИ 8. ҲАМКОРИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БА ҚОНУНИГАРДОНӢ (РАСМИКУНОНӢ)-И ДАРОМАДҲОИ БО РОҲИ ҶИНОЯТ БАДАСТОВАРДА, МАБЛАҒГУЗОРИИ ТЕРРОРИЗМ ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ ПАҲНКУНИИ СИЛОҲИ ҚАТЛИ ОМ**

**Моддаи 38. Мубодилаи иттилоот ва ёрии ҳуқуқӣ**

1. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, ҳамкории байналмилалиро бо контрагентҳои хориҷӣ дар масъалаи пешгирӣ, ошкор ва роҳ надодани қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ва ҷиноятҳои асосии дигар таъмин намуда, дар доираи ваколатҳои худ бо контрагентҳои хориҷӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мубодилаи иттилоот анҷом медиҳанд.

2. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, ба контрагентҳои хориҷӣ тибқи дархости онҳо ё бо ташаббуси худ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, маълумоти дахлдор пешниҳод менамоянд.

3. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, барои пешниҳод ё мубодилаи иттилоот ё расондани ёрӣ шартҳои маҳдудкунандаи бедалелу беасос намегузоранд ва бо контрагентҳои хориҷӣ, новобаста ба он ки онҳо салоҳияти маъмурӣ, ҳифзи ҳуқуқ, судӣ ё дигарро доранд ё дархост ҳамчун дархости марбут ба масъалаҳои фискалӣ баррасӣ мешавад ё на, мубодилаи иттилоот анҷом медиҳанд.

4. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, ҳамаи чораҳои зарурӣ, аз ҷумла чораҳои амниятиро меандешанд, то кафолат дода шавад, ки иттилоот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда ба мақомоти дигари давлатӣ ё шахсони дигар бе розигии пешакии контрагенти хориҷӣ, ки иттилоот ё ҳуҷҷат пешниҳод кардааст, дастрас намешаванд.

**Моддаи 39. Гирифтани дархост аз контрагенти хориҷӣ ва баррасии он**

1. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, афзалиятнокии иҷрои дархостҳо дар бораи пешниҳоди иттилоот аз контрагентҳои хориҷӣ гирифташавандаро муайян намуда, ба ин дархостҳо сари вақт ҷавоб ирсол менамоянд.

2. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, метавонанд ҳар иттилооти ба онҳо дастрасбуда, аз ҷумла иттилооти аз контрагенти хориҷӣ гирифташударо ҷамъоварӣ намуда, мавриди таҳлил ё омӯзиш қарор диҳанд.

3. Ҳангоми пешниҳоди иттилоот ё ҳуҷҷатҳо ба контрагенти хориҷӣ мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, метавонанд ифшои иттилоотеро, ки метавонад ба манфиатҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё тафтиши парвандаи ҷиноятии аз тарафи мақомоти салоҳиятдори Ҷумҳурии Тоҷикистон гузарондашаванда зарар расонад ё дар ҳолатҳои истисно манфиатҳои қонунии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро халалдор намояд ё ба ягон тарзи дигар ба принсипҳои асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намояд, рад намоянд. Ин гуна радкунӣ аз тарафи мақоми салоҳиятдоре, ки аз контрагенти хориҷӣ дархости пешниҳоди иттилоот гирифтааст, бояд ба таври дахлдор асоснок карда шавад.

4. Ҳангоми пешниҳоди иттилоот ё ҳуҷҷатҳо ба контрагенти хориҷӣ мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, метавонанд маҳдудият ё шартҳоеро муқаррар намоянд, ки иттилоот ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшаванда танҳо бо мақсадҳое, ки онҳо пешниҳод шудаанд ва аз ҷониби он идораҳое истифода шаванд, ки ба онҳо чунин иттилоот ва ҳуҷҷатҳо пешниҳод гардидаанд, инчунин метавонанд талаб намоянд, ки контрагенти хориҷӣ бе розигии пешакии онҳо иттилоот ё ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо ба шахсони сеюм ифшо накунад ва дар рафти тафтишоти пешакӣ ё мурофиаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ё маданӣ истифода набарад.

**Моддаи 40. Фиристодани дархост ба контрагенти хориҷӣ**

1. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, дар ҳар як дархости барои пешниҳоди иттилоот фиристодашаванда шарҳи мухтасари далелҳои дахлдореро, ки ба мақоми давлатии дархосткунанда маълуманд, зикр намуда, бо кадом мақсадҳо истифода шудани иттилооти дархостшавандаро нишон медиҳанд.

2. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, метавонанд иттилоот ва ҳуҷҷатҳои аз контрагенти хориҷӣ гирифтаро танҳо бо мақсадҳое, ки онҳо пешниҳод шудаанд ва барои идораҳое, ки чунин иттилоот ва ҳуҷҷатҳо дархост гардидаанд, истифода баранд, инчунин иттилоот ё ҳуҷҷатҳои дастрасшударо бе розигии пешакии контрагенти хориҷӣ, ки чунин иттилоот ё ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардааст, набояд ба шахсони сеюм ифшо созанд ё дар рафти тафтишоти пешакӣ ё мурофиаҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ё маданӣ истифода баранд.

3. Мақоми ваколатдор, мақомоти назоратӣ ва мақомоти дигари давлатӣ, ки дар самти муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом фаъолият мекунанд, тибқи дархост ба контрагентҳои хориҷӣ, ки аз онҳо кумаки иттилоотӣ гирифтаанд, дар бораи истифода шудан ва фоиданокии маълумоти дастрасшуда сари вақт иттилоот пешниҳод мекунанд.

**БОБИ 9. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 41. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 42. Дар бораи аз эътибор соқит намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 25 марти соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №3, мод. 152; с. 2013, №6, мод. 405, мод. 406; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 397; с. 2017, №1-2, мод. 27; с. 2018, №5, мод. 272) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 43. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1950**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 359**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз 16 феврали соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №2, мод. 82; соли 2013, №3, мод. 209, №5, мод. 365; соли 2014, №4, мод. 204; соли 2016, №12, мод. 1026; соли 2018, №3-4, мод. 171) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 январи соли 2023, № 960**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ МУРОФИАИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2013, №7, мод.502; с.2014, №3, мод.145, №7, қ.1, мод.391, №11, мод.644; с.2015, №3, мод.202, №7-9, мод.709, мод.710, мод.711, №11, мод.956, №12, қ.1, мод.1109; с.2016, №3, мод.133, №7, мод.615; с.2017, №5, қ.1, мод.276; с.2018, №1, мод.8, №5, мод.270, мод.271; с.2020, №1, мод.7, №7-9, мод.601, мод.605, мод.622, №12, мод.902, мод.903; с.2021, №1-2, мод.4, №4, мод.194, мод.195, №6, мод.386, №12, қ.2, мод.690; с.2022, №1-3, мод.9, мод.10, мод.11) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 72:

- дар қисми 1 калимаҳои «Бозрасии давлатии автомобилӣ дар ҳолатҳои зерин метавонанд воситаи нақлиётро» ба калимаҳои «Бозрасии давлатии автомобилӣ ҳамаи воситаҳои нақлиёт ва кормандони Бозрасии ҳарбии автомобилӣ танҳо воситаҳои нақлиёти ҳарбиро дар ҳолатҳои зерин метавонанд» иваз карда шаванд;
- ба қисмҳои 2 ва 3 пас аз калимаҳои «бақайдгирии давлатӣ» калимаҳои «ё ҳарбӣ» илова карда шаванд.

2. Моддаи 132 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 132. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаҳои 310, 311 қисми 1, 314, 315, 317-326, 330, 331, 333 қисми 2, 335, 336 қисмҳои 1 ва 3, 338, 339 қисми 1, 340-344 ва 346 (аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёти ҳарбӣ содиргардида, ба истисноии ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки тавассути воситаҳои махсуси техникии низоми худкори идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт сабт шудаанд) ва моддаҳои 683-691[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, баррасӣ менамояд.

2. Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазоҳои маъмурӣ аз номи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳо ҳуқуқ доранд:

- комиссарони ҳарбии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва муовинони онҳо вобаста ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 683-691[1] Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;
- сардори раёсат (шӯъба, шӯъбачае, ки ба ҳайати раёсати Бозрасии ҳарбии автомобилии Вазорати мудофиа дохил мешаванд) ва сардорони Бозрасии ҳарбии автомобилии гарнизонҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 310, 311 қисми 1, 314, 315, 317-326, 330, 331, 333 қисми 2, 335, 336 қисмҳои 1 ва 3, 338, 339 қисми 1, 340-344 ва 346 (аз тарафи ронандагони воситаҳои нақлиёти ҳарбӣ содиргардида) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1951**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 360**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 декабри соли 2022, № 941**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ ВА СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» аз 19 майи соли 2009 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 316; с. 2010, №12, қ. 1, мод. 828; с. 2012, №12, қ. 1, мод. 1006; с. 2015, №11, мод. 972; с. 2016, №5, мод. 370; с. 2019, №1, мод. 33, №7, мод. 475; с. 2020, №1, мод. 27) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 4:

- ба банди 1) қисми 2 пас аз калимаҳои «Қонуни мазкурро» калимаҳои «дар шакли коғазӣ ва ё электронӣ» илова карда шаванд;
- қисми 10 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«10. Мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати дар шакли электронӣ анҷом додани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумоти заруриро тавассути системаи ҳамгироии иттилоотии андоз дар реҷаи мустақим (онлайн) пешниҳод менамоянд. Тартиб ва шакли пешниҳоди маълумот аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ муайян карда мешаванд.»;

- қисми 10 қисми 11 ҳисобида шавад.

2. Қисми 6 моддаи 9 хориҷ карда шавад.

3. Дар моддаи 10:

- дар қисми 1 калимаҳои «то панҷ рӯзи корӣ» ба рақам ва калимаи «24 соат» иваз карда шаванд;
- дар қисми 2 калимаҳои «панҷ рӯзи корӣ» ба рақам ва калимаи «24 соат» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми 2 моддаи 12 калимаҳои «ду рӯзи корӣ» ба рақам ва калимаи «24 соат» иваз карда шаванд.

5. Дар моддаи 19:

- дар қисми 2 калимаи «се» ба калимаи «даҳ» иваз карда шавад;
- дар қисми 4 калимаҳои «то панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд.

6. Дар қисми 1 моддаи 21 калимаҳои «се рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд.

7. Дар банди 4) моддаи 22 калимаи «шаш» ба калимаи «се» иваз карда шавад.

8. Дар қисми 5 моддаи 23 калимаҳои «ду рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд.

9. Дар қисмҳои 1, 7 ва 8 моддаи 25 калимаҳои «се рӯзи корӣ аз рӯзи» ва «ду рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд.

10. Дар моддаи 27:

- дар қисми 1 калимаҳои «ду рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд;
- дар қисми 3 калимаи «панҷ» ба калимаи «даҳ» иваз карда шавад.

11. Дар қисми 1 моддаи 28 калимаҳои «то панҷ рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд.

12. Дар қисми 2 моддаи 30 калимаҳои «ду рӯзи корӣ аз рӯзи» ба рақам ва калимаҳои «24 соат аз лаҳзаи» иваз карда шаванд.

13. Дар моддаи 31:

- дар қисми 2 калимаҳои «то панҷ рӯзи корӣ» ба рақам ва калимаи «24 соат» иваз карда шаванд;
- дар қисми 3 калимаи «ду» ба калимаи «даҳ» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1952**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 361**

# ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 декабри соли 2022, № 947**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ТИББӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

**Моддаи 1.** Дар моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 18 июни соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №6, мод. 466; с. 2010, №12, қ.1, мод. 836; с. 2014, №3, мод. 155; с. 2018, №1, мод. 22) рақами «2022» ба рақами «2025» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1953**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 362**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 29 декабри соли 2022, № 957**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Моддаи 1.** Дар банди 26) қисми 1, банди 3) қисми 2 моддаи 189 ва зербанди х) банди 1) қисми 2 моддаи 204 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2021, №12, қ.1. мод. 681; с. 2022, №1-3, мод. 18; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1934) калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур 3 моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1956**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 365**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси**
**Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 январи соли 2023, № 968**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАҲДУД НАМУДАНИ ИСТИФОДАИ МАҲСУЛОТИ ТАМОКУ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» аз 2 январи соли 2018 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2018, №1, мод. 16) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:

- сархати дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**- маҳсулоти тамоку** – маҳсулоте, ки пурра ё қисман аз баргҳои тамоку ва (ё) дигар қисмҳои растании тамоку ҳамчун ашёи хом тайёр карда шуда, тавре омода гардидааст, ки барои кашидан, макидан, хоидан, бӯй кардан ва усулҳои дигари истеъмолӣ истифода бурда мешавад, аз ҷумла сигаретаҳо бо дудполо (бо филтр), сигаретаҳо бе дудполо (бе филтр), папиросҳо, сигорҳо, сигарилаҳо, маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, чилимтамоку, тамокуи кашиданӣ, ҳама намуди тамокуи ғайрикашиданӣ, нос ва намудҳои дигари маҳсулоти тамоку;»;

- сархати чорум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**- истифодаи маҳсулоти тамоку –** кашидани тамоку (нафас кашидани моддаи аз сӯзондан ё гарм кардани тамоку ҳосилшуда), хоидан, бӯй кашидан, макидан ё зери забон мондани маҳсулоти тамоку, инчунин роҳҳои дигари истифодаи маҳсулоти тамоку аз рӯйи таъинот, ки вобастагии организми инсонро аз никотин ба вуҷуд оварда, ба саломатии истифодабарандагон ва (ё) шахсоне, ки маҳсулоти тамокуро истифода намебаранд, таъсири манфӣ мерасонад;»;

- сархати даҳум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«- системаҳои электронии таҳвили никотин –** дастгоҳҳое, ки ба кашидани тамоку тавассути гармкунии маҳлул барои системаҳои электронии таҳвили никотин ва ба вуҷуд омадани аэрозол ё ҳаври нафаскашидаи истеъмолкунанда, аз ҷумла сигорҳои электронӣ ҳаммонанд, ки метавонанд мисли маҳсулоти муқаррарӣ (сигор, сигара, чубуқ, чилим, ручка, ҳомили электронии ҷудогона ва ғайра) ё маҳсулоти дигари дорои шаклу рангҳои гуногуни истифодаашон як ва ё бисёркарата бошанд;»;

- сархатҳои ёздаҳум, дувоздаҳум, сездаҳум ва чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«**- маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда** – намуди маҳсулоти тамокуи кашиданӣ, ки аз тамоку (омехтаи тамоку) бо илова ё бе иловаи ҷузъи таркибӣ иборат буда, барои истифода дар системаҳои гармкунии он бо роҳи нафаскашии аэрозол ё ҳавр дар натиҷаи гарм кардани тамоку ба таври электронӣ ё ба таври дигари бе раванди сӯзондани он бавуҷудомада пешбинӣ шудааст;

**- система барои гармкунии тамоку** – дастгоҳи электронӣ, ки барои истифодаи маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда пешбинӣ шудааст ва аэрозол ё ҳаврро бо мақсади нафас кашидани истеъмолкунанда ҳосил мекунад, аз ҷумла ҳама гуна модда ё чизи дигаре, ки барои истифода бо дастгоҳ, новобаста ба он ки алоҳида фурӯхта мешавад ё не, тайёр карда шудааст;

**- маҳсулоти тамокуи ғайрикашиданӣ** – маҳсулоти тамоку, ки барои макидан, хоидан, бӯй кашидан ва ғайра пешбинӣ шудааст;

**- маҳсулоти ғайрикашидании дорои никотин** – маҳсулоти дорои никотин ё намакҳои никотин, маҳлулҳо, моеъҳои никотинӣ ё гелҳои дорои никотин, ашёи хоми растанӣ ва (ё) иловагиҳои ғизоӣ (ба истиснои доруворӣ), ки маҳсулоти тамоку нестанд ва барои макидан, хоидан, бӯй кашидан пешбинӣ шудаанд, аз ҷумла снюс ва никпэк, инчунин маҳсулоти хӯроквории табиӣ, ки таркибашон никотини аслӣ доранд,;».

2. Моддаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 4. Танзими фаъолият оид ба истеҳсол, воридот, содирот, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин**

1. Истеҳсол, воридот, содирот, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамоку ва маҳлулҳо барои системаҳои электронии таҳвили никотин, ки дар онҳо миқдори моддаҳои зараровар аз меъёрҳои муқаррарнамудаи регламенти техникӣ, стандартҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зиёд мебошад, манъ аст. Регламенти техникии маҳсулоти тамоку аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

2. Ҳар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамокуи дахлдор, ки барои фурӯш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст (ба истиснои маҳсулоти тамокуи барои фурӯш дар мағозаҳои савдои бебоҷ пешбинигардида) тибқи регламенти техникӣ, бояд маълумоти огоҳикунандаи асосиро оид ба зарари истифодаи онҳо дошта бошад, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ аст:

- аз матн ва акс таркиб ёфта бошад;

- дар қисмати бештари болоии рӯйи борпечи истеъмолӣ, дар ҳар ду тарафи он ва на кам аз ҳафтоду панҷ дарсади сатҳи умумии ҳар як тараф ҷойгир бошад;

- матн дар қисми поёнии тарафи пеш ҳатман ба забони давлатӣ ва дар қисми поёнии тарафи муқобил метавонад ба забонҳои дигар дарҷ шуда бошад.

3. Ангораи аксҳо ва матни маълумоти огоҳикунанда оид ба зарари истифодаи маҳсулоти тамоку аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқ карда мешаванд.

4. Маълумот барои истеъмолкунанда, ки дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку дарҷ мегардад, бояд мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи регламенти техникӣ ҷойгир карда шавад.

5. Дар ҳар як қуттии маҳсулоти тамоку, ки барои фурӯш дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст (ба истиснои маҳсулоти тамокуи барои фурӯш дар мағозаҳои савдои бебоҷ пешбинигардида), бояд тамғаи аксизии намунаи муқарраршуда часпонда шуда бошад.

6. Маълумоти дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дарҷгардида набояд истилоҳот, тавсифҳо, нишонаҳо, рамзҳо ва дигар аломатҳоро, ки бавосита ё бевосита оид ба камзарар будани маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотин нисбат ба дигар маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотин таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд меоранд, дар бар гирад. Маълумоти дар борпечи истеъмолӣ дарҷгардида набояд чунин калимаҳо ё ибораҳо, ба мисли «дорои миқдори ками қатрон», «сабук», «хеле сабук», «камтаъсир», «экстра», «ултра» ва калимаҳои дигари монанд ба инҳоро, ҳамчунин калимаҳо, нишонаҳо ва рамзҳоеро, ки маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотинро бо маҳсулоти хӯрокворӣ (иловагиҳои ғизоӣ) шабоҳат медиҳанд ё бавосита ё бевосита вобаста ба таъми маҳсулоти хӯрокворӣ (иловагиҳои ғизоӣ)-ро доштани маҳсулоти тамоку, системаҳои электронии таҳвили никотин таассуроти бардурӯғ ба вуҷуд меоранд, дар бар гирад.

7. Дар борпечи истеъмолии маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дарҷ намудани чунин маълумот манъ аст:

- истифодаи маҳсулоти тамокуи мазкур (намуди маҳсулоти тамоку), системаҳои электронии таҳвили никотин, ки хавфи пайдоиши бемориҳои вобаста ба истеъмоли онро кам мекунад;

- маҳсулоти тамокуи мазкур (намуди маҳсулоти тамоку), системаҳои электронии таҳвили никотин нисбат ба маҳсулоти дигари тамоку (дигар намуди маҳсулоти тамоку), системаҳои электронии таҳвили никотин ба саломатӣ зарари камтар доранд;

- хавфи пайдо шудани бемориҳои вобаста ба истифодаи маҳсулоти тамокуи мазкур (намуди маҳсулоти тамоку) ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар натиҷаи хориҷ шудани моддаи махсус ҳангоми истеъмоли он кам карда шудааст.

8. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол, воридот, содирот, нигоҳдорӣ, фурӯши яклухт ва чаканаи маҳсулоти тамокуи ғайрикашиданӣ ва ҳама гуна маҳсулоти ғайрикашидании дорои никотин (ба истиснои нос), аз ҷумла снюсҳо (маҳсулоти тамокуи бе дуд), никпэкҳо (омехтаи бе тамокуи дар таркибаш миқдори зиёди никотини сунъидошта) манъ аст.

9. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсол, воридот, содирот, нигоҳдорӣ, фурӯши яклухт ва чаканаи системаҳои электронии таҳвили никотини якдафъаина истифодашаванда, манъ аст.

10. Ҳангоми истеҳсоли маҳсулоти тамоку ба сифати ҷузъи таркибӣ (ингредиент) истифода бурдани моддаҳо мувофиқи номгӯйи аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ тасдиқшуда иҷозат дода намешавад.».

3. Моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 5. Манъи фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин**

1. Фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар дохили биноҳо, ҳудуди ташкилотҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, низоми маориф, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ ва иттиҳодияҳои динӣ манъ аст.

2. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин ба шахсоне, ки ба синни ҳаждаҳ нарасидаанд, иҷозат дода намешавад. Дар сурати шубҳа пайдо кардани фурӯшанда оид ба синну соли шахсе, ки маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотинро мехарад, фурӯшанда уҳдадор аст, ки аз харидор ҳуҷҷати тасдиққунандаи синну соли ӯро талаб намояд. Дар сурати аз ҷониби харидор пешниҳод нагардидани ҳуҷҷати тасдиққунандаи синну соли ӯ, фурӯшанда уҳдадор аст, ки ба ӯ фурӯхтани маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотинро рад кунад.

3. Фурӯши сигор, сигарил, папирос ва маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда, ки дар як воҳиди борпечи истеъмолӣ (қуттӣ) аз бист дона кам ё зиёд мебошанд, манъ аст.

4. Фурӯши сигор, сигарил, папирос ва маҳсулот аз тамокуи гармкардашуда аз қуттиҳои кушодаи маҳсулоти тамоку ё донабайъ, инчунин фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин бе борпечи истеъмолӣ манъ аст.

5. Фурӯши маҳсулоти тамоку бе тамғаи аксизии намунаи муқарраршуда, ба истиснои маҳсулоти тамоку, ки барои фурӯш дар мағозаҳои савдои бебоҷ пешбинӣ шудааст, манъ аст.

6. Фурӯши маҳсулоти тамоку бе дарҷ кардани огоҳӣ дар қуттии маҳсулоти тамоку дар бораи зарари истифодаи маҳсулоти тамоку, инчунин дар ҳолатҳои номутобиқатии он ба талаботи муқаррарнамудаи регламенти техникӣ манъ аст.

7. Фурӯши маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин бо истифодаи воситаҳои худкор, дастӣ ва дар ҷойҳое, ки барои савдо пешбинӣ нашудаанд, манъ аст.

8. Истеҳсол, фурӯш ва паҳнкунии маҳсулоте, ки ба маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин монанд мебошад, манъ аст.

9. Паҳн кардани маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар байни аҳолӣ ба таври ройгон ё ба ивази ягон мол, хизматрасонӣ ва ё фурӯши он дар дохили маҷмӯаи иборат аз маҳсулоти ғайритамоку манъ аст.

10. Бар ивази пардохти музди меҳнат додани тамоку, маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин манъ аст.

11. Фурӯши чаканаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин дар объекти тиҷоратӣ тариқи берун мондан ва намоиш додани он манъ аст. Маълумот дар бораи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин, ки барои фурӯши чакана пешкаш карда мешаванд, аз ҷониби фурӯшанда тариқи ҷой додани номгӯйи маҳсулот дар объекти тиҷоратӣ ба маълумоти харидор расонда мешавад. Матни номгӯйи маҳсулоти тамоку бо истифодаи ҳарфҳои андозаашон якхелаи ранги сиёҳ дар коғази сафед бо тартиби алифбо таҳия карда шуда, дар он бояд нархи маҳсулоти тамокуи ба фурӯш гузошташуда бе истифодаи тасвирҳои графикӣ ва аксҳо нишон дода шавад.».

4. Дар моддаи 6:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Истифодаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин манъ аст:

- дар дохили бино ва ҳудуди ташкилотҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, сайёҳӣ, динӣ ва илмию таълимӣ;

- дар дохили биноҳои маъмурӣ, утоқҳои кории ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ;

- дар дохили биноҳои меҳмонхонаҳо, хобгоҳҳо ва корхонаҳои хӯроки умумӣ (тарабхона, ошхона, чойхона, қаҳвахона, бар ва ғайра), ба истиснои ҷойҳои махсуси барои тамоку кашидан ҷудокардашуда;

- дар дохили ҳамаи намуди нақлиёти ҷамъиятӣ ва таксӣ;

- дар дохили бино ва дар ҳудуди фурудгоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва нақлиёти автомобилӣ, ба истиснои ҷойҳои махсуси барои тамокукашӣ ҷудокардашуда;

- дар нақлиёти истифодаи шахсӣ, ки дар онҳо кӯдакони то ҳаждаҳсола ё зани ҳомила ҳузур доранд;

- дар дохили биноҳои осоишгоҳҳо, ҳудуди майдончаҳои кӯдакон, даромадгоҳҳои биноҳои истиқоматӣ, лифт, гузаргоҳҳои зеризаминӣ.»;

- қисми 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«5. Роҳбарони корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ҷойҳои махсусро барои истифодаи маҳсулоти тамоку ва системаҳои электронии таҳвили никотин муайян менамоянд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1954**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 363**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маҳдуд намудани истифодаи маҳсулоти тамоку» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 1 марти соли 2023, № 979**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ РАҚОБАТ»

**Моддаи 1.** Ба моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, №5, қ.1, мод. 274; с. 2022, №7, мод. 454) қисми 6 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«6. Ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ) тибқи Қоидаҳои намунавии ҳисобкунии арзиши аслии мол (кор, хизматрасонӣ), ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегарданд, амалӣ карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1957**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 366**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 декабри соли 2022, № 943**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БАРҲАМДИҲИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ»

**Моддаи 1**. Дар сархатҳои чорум ва панҷуми қисми 1 моддаи 35 ва қисми 3 моддаи 50 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» аз 28 июни соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №6, мод. 432; с. 2012, №7, мод. 701; с. 2018, №7-8, мод. 533) калимаҳои «пасандозҳои шахсони воқеӣ» ва «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» мувофиқан ба калимаҳои «амонату пасандозҳо» ва «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур 3 моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1962**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 371**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 январи соли 2023, № 964**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САНҶИШИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ ХОҶАГИДОР»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» аз 25 декабри соли 2015 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, №12, қ. 1, мод. 1115; с. 2017, №7-9, мод. 578; с. 2019, №6, мод. 326; с. 2020, №1, мод. 29) тағйироту иловаи зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 3 моддаи 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Аз ҷониби мақомоту сохторҳои давлатие, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои ваколатҳои назоратӣ (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷишӣ буда, дар моддаи 10 Қонуни мазкур пешбинӣ нашудаанд, ба истиснои муқаррароти қисми 2 ҳамин модда ва мавҷуд будани парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани назорат (назорати давлатӣ, корҳои назоратӣ) ва санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор манъ аст.».

2. Дар қисми 1 моддаи 10:

- дар сархати якуми банди 1) аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- ба банди 1) сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- риояи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи хоҷагии ҷангал, шикор, олами набототу ҳайвонот ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда.»;

- бандҳои 2), 21) ва 25) хориҷ карда шаванд;

- дар банди 8) калимаҳои «назорати иёргирӣ» ба калимаи «молия» иваз карда шаванд;

- дар сархати панҷуми банди 11) аломати нуқтавергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад;

- сархати шашуми банди 11) хориҷ карда шавад;

- банди 15) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«15) Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи назорати санитарию эпидемиологӣ:

- риояи меъёр ва қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ.»;

- банди 23) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«23) Мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба танзими муносибатҳо вобаста ба замин ва геодезия:

- назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин;

- назорати давлатии геодезӣ.»;

- бандҳои 3) – 26) мувофиқан бандҳои 2) – 23) ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1958**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 367**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 21 декабри соли 2022, № 945**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИР БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ҲУҚУҚИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН»

**Моддаи 1.** Моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 699; с. 2008, №10, мод. 805, мод. 817; с. 2013, №12, мод. 896; с. 2015, №3, мод. 215; с. 2018, №1, мод. 28; с. 2021, №1-2, мод. 19, №12, қ.2, мод. 720) дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 11. Реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонӣ**

Реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳиме, ки номгӯйи онҳоро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, бо қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор бе муроҷиат ва ҷалби субъектҳои хоҷагидор муқаррар карда мешавад.

Реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонӣ, ки дар қисми якуми моддаи мазкур зикр нагардидаанд, аз ҷониби онҳо мустақилона муайян карда мешавад.

Реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонӣ ба маълумоти истеъмолкунандагон расонда мешавад ва бояд ба тартиби муқарраршуда мувофиқат кунад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1959**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 368**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 29 декабри соли 2022, № 953**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ САВДО ВА ХИЗМАТРАСОНИИ МАИШӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» аз 19 марти соли 2013 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 186; с. 2014, №3, мод. 150; с. 2015, №7-9, мод. 704) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Сархати ҳаштуми моддаи 8 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- муқаррар намудани реҷаи кори ташкилоту объектҳои савдо, хизматрасонии маишӣ ва намудҳои дигари хизматрасонии аз ҷиҳати танзим муҳим тибқи тартиби қонунгузорӣ;».

2. Қисми 3 моддаи 11 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор реҷаи кори бозорҳои давлатиро мустақилона муқаррар менамоянд.».

3. Қисми 5 моддаи 13 хориҷ карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1960**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 369**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 29 декабри соли 2022, № 955**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, тартиби гардиш ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, инчунин таъсис ва истифодаи имзои электрониро дар раванди ташаккул ва истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ муқаррар менамояд.

### БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

1) **ҳуҷҷати** электронӣ – маълумоте, ки дар шакли электронӣ пешниҳод шудааст;

2) **шакли электронӣ** – маҷмӯи технологияҳое, ки барои омода кардан, қабул намудан ва табодули маълумот бо истифода аз имзои электронӣ имкон медиҳанд;

3) **низоми иттилоотӣ** – низоме, ки иштирокчиёни он бо истифода аз имзои электронӣ мубодилаи маълумотро дар шакли электронӣ амалӣ менамоянд;

4) **низоми иттилоотии корпоративӣ** – низоми иттилоотие, ки дар он иштирокчиёни ҳамкории мутақобилаи электронӣ доираи муайяни шахсон мебошанд;

5) **низоми иттилоотии истифодаи умум** – низоми иттилоотие, ки дар он иштирокчиёни ҳамкории мутақобилаи электронӣ доираи номуайяни шахсон мебошанд;

6) **иштирокчиёни низоми иттилоотӣ (иштирокчиёни гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ)** – шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ, ки ҳангоми татбиқи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ аз имзои электронӣ истифода мебаранд;

7) **гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ (муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ)** – таҳия, истифода, нигоҳдорӣ ва мубодилаи ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки тавассути технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ карда мешаванд;

8) **имзои электронии одӣ** – маълумоте, ки барои муайян намудани иштирокчии муомилоти ҳуҷҷатҳои электронӣ ва иродаи ӯ дар амал ва аҳдҳо (шартномаҳо) имкон медиҳад;

9) **имзои электронии мукаммал** – реквизити ҳуҷҷати электронӣ, ки бо истифода аз калиди имзои электронии мукаммал ташаккул мёебад ва барои ҳифзи ҳуҷҷати электронӣ аз қалбакӣ сохтани он равона карда мешавад;

10) **имзои электронии ҳифзшуда (имзои электронии рақамӣ)** – реквизити ҳуҷҷати электроние, ки дар натиҷаи табдили криптографии маълумот бо истифода аз калиди пӯшидаи имзои электронӣ ба даст оварда шудааст ва барои айнияткунонии соҳиби сертификати калиди имзо имкон медиҳад, мавҷуд набудани таҳрифи маълумотро дар ҳуҷҷати электронӣ муқаррар менамояд ва ба ҳифзи ҳуҷҷати электронӣ аз тағйироти беиҷозат равона карда шудааст;

11) **воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда** – воситаҳои дастгоҳӣ ва (ё) барномавие, ки иҷрои ақаллан яке аз функсияҳои зеринро таъмин менамоянд:

а) **омода кардани** имзои электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ бо истифода аз калиди пӯшидаи имзои электронӣ;

б) тасдиқи аслияти имзои электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ бо истифода аз калиди кушодаи имзои электронӣ;

в) **омода кардани** калидҳои пӯшида ва кушодаи имзоҳои электронӣ;

12) **калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда** – пайдарҳамии рамзҳо, ки ба соҳиби сертификати калиди имзо маълум аст;

13) **калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда** – пайдарҳамии рамзҳои имзои электронӣ, ки ба ҳар як истифодабаранда дастрас буда, барои тасдиқ кардани аслияти имзои электронии рақамӣ дар ҳуҷҷати электронӣ пешбинӣ гардидааст;

14) **сертификати воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда** - ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ, ки тибқи қоидаҳои системаи сертификатонӣ ҷиҳати тасдиқи ба талаботи муқарраргардида мутобиқ будани воситаҳои имзои электронии рақамӣ дода шудааст;

15) **сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда** - ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ ё ҳуҷҷати электронӣ бо имзои электронии ҳифзшудаи шахси ваколатдори маркази тасдиққунанда, ки дар худ калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшударо дар бар гирифта, он аз ҷониби маркази тасдиққунанда ба иштирокчии низоми иттилоотӣ ҷиҳати тасдиқи аслӣ будани имзои электронии ҳифзшуда ва айниятkунонии дорандаи сертификати калиди имзо дода мешавад;

16) **сертификати калиди имзои электронии мукаммал** - ҳуҷҷат дар ҳомили коғазӣ ё ҳуҷҷати электронӣ бо имзои электронии ҳифзшудаи шахси ваколатдор, ки калиди имзои электронии мукаммали дарбаргирандаи калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшударо додааст, ки он аз ҷониби шахси ваколатдор ба иштирокчии низоми иттилоотӣ ҷиҳати тасдиқи аслӣ будани имзои электронии ҳифзшуда ва айниятkунонии дорандаи сертификати калиди имзо дода мешавад;

17) **тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ** - натиҷаи мусбии санҷиш бо воситаи дахлдори сертификатсияшудаи имзои электронии ҳифзшуда бо истифода аз сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда оид ба мансубияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ ба дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ва мавҷуд набудани таҳрифкорӣ дар ҳуҷҷати электронии имзошуда;

18) **имзокунандаи ҳуҷҷати электронӣ** – иштирокчии низоми иттилоотӣ, ки ҳангоми имзои ҳуҷҷати электронӣ аз имзои электронӣ истифода мебарад;

19) **дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда** – шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, намояндаи қонунии шахси ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби маркази тасдиққунанда ба номаш сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда дода шудааст ва ӯ дорои калиди пӯшидаи дахлдори имзои электронии ҳифзшуда мебошад, ки бо ёрии воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда барои истифодаи имзои электронии худ дар ҳуҷҷатҳои электронӣ имкон медиҳад;

20) **истифодабарандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда** – иштирокчии мубодилаи иттилоотии электронӣ, ки маълумот дар бораи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшудаи дар маркази тасдиққунанда гирифташударо дар рафти санҷиши мансубияти имзои электронии ҳифзшуда ба дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда истифода мебарад;

21) **маркази сертификатсияи калидҳои кушодаи имзои электронӣ (минбаъд – маркази тасдиққунанда)** – шахси ҳуқуқӣ, ки дорои ҳуқуқи тасдиқи мутобиқати калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда ба калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда, ки ба номи ӯ шаҳодатномаи бақайдгирӣ (дорандаи шаҳодатнома) дода шудааст, мебошад;

22) **санҷиши аслияти имзои электронии ҳифзшуда** – пайдарҳамии амалҳо, ки дар рафти он маълумот дар бораи мутобиқати калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшудаи иштирокчии гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ ба калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда санҷида мешавад;

23) **бойгонии электронӣ** – махзани маҷмӯи ҳуҷҷатҳои электронӣ.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Муқаррароти Қонуни мазкур ба инҳо татбиқ мегардад:

1) ҳуҷҷатҳои электронии мақомоти давлатӣ (ба истисноИ ҳуҷҷатҳо оид ба фаъолияти контрразведка, разведка ва оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, истифодаи чораҳои криптографию оперативии ҳифзи сирри давлатӣ), шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми анҷом додани аҳдҳои маданию ҳуқуқӣ, инчунин ҳолатҳои дигари пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2) имзои электроние, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур омода карда шудааст:

2. Амали Қонуни мазкур нисбат ба муносибатҳое, ки ҳангоми истифодаи дигар имзои ҳаммонанди дастӣ ба миён меоянд, паҳн намегардад.

### БОБИ 2. НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Моддаи 4. Мақомоти ваколатдор оид ба назорати давлатӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ ва дар соҳаи имзои электронӣ**

Мақоми ваколатдор оид ба назорати давлатӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ) ва мақоми ваколатдор оид ба назорати давлатӣ дар соҳаи имзои электронӣ (минбаъд - мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Моддаи 5. Ваколати мақоми ваколатдор дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ**

Ба ваколати мақоми ваколатдор дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ мансубанд:

1) татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ;

2) таҳияи дурнамо, стратегия, консепсия ва барномаҳо дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ дар татбиқи онҳо;

3) тасдиқи қоидаҳои намунавӣ дар соҳаи гардиши ҳуҷҷати электронӣ;

4) муқаррар намудани қоидаҳои бойгоникунонӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ;

5) амалӣ намудани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 6. Ваколати мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ**

Ба ваколати мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ мансубанд:

1) татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи имзои электронӣ;

2) таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи имзои электронӣ, аз ҷумла таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини равобити мутақобила байни феҳристҳои сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшудаи марказҳои гуногуни тасдиққунанда, инчунин имконияти истифодаи нигоҳдошти махсуси калидҳои пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда ва ҳангоми гирифтани имзои электронии ҳифзшуда истифодаи маълумоти шахсии муроҷиаткунандагон, ки дар мақомоти давлатӣ мавҷуданд;

3) расонидани ёрии амалӣ ва методӣ ба мақомоти давлатӣ ва иштирокчиёни дигари гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ;

4) тасдиқи Низомномаи намунавии маркази тасдиққунанда;

5) тасдиқи қоидаҳои додан, нигоҳдорӣ, бозхонди сертификатҳо ва тасдиқи мансубият ва эътиборнокии калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда аз ҷониби маркази тасдиққунанда, аз ҷумла маркази тасдиққунандаи решавӣ ва марказҳои тасдиққунандаи мақомоти давлатӣ;

6) тасдиқи қоидаҳои ҳамкории мутақобилаи марказҳои тасдиққунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо марказҳои тасдиққунанда ва тарафҳои сеюми бовариноки давлатҳои хориҷӣ;

7) тасдиқи қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ;

8) таҳия ва тасдиқи тартиби ба даст овардан ва истифодабарии сертификатҳои решавии имзои электронии ҳифзшуда;

9) амалигардонии тасдиқи аслияти имзоҳои электронии ҳифзшудаи шахсони ваколатдори марказҳои тасдиққунанда дар сертификатҳои калиди имзоҳои электронии ҳифзшудаи аз ҷониби онҳо додашуда;

10) додани иҷозатнома ба марказҳои тасдиққунанда ва муайян намудани талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

11) санҷиши фаъолияти марказҳои тасдиққунанда дар самти риоя ва иҷро намудани талабот ва шартҳои иҷозатномадиҳӣ бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби онҳо;

12) амалӣ намудани дигар ваколатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### БОБИ 3. ШАРТҲОИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Моддаи 7. Соҳаи гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ**

1. Ҳуҷҷати электронӣ метавонад дар тамоми соҳаҳои фаъолият, ки дар онҳо воситаҳои барномавӣ ва техникии барои омода, коркард, нигоҳдорӣ, интиқол ва қабули иттилоот заруранд, истифода шавад.

2. Бо ёрии ҳуҷҷатҳои электронӣ метавонанд аҳдҳо ба амал бароварда шаванд (шартномаҳо баста шаванд), ҳисоббаробаркуниҳо, мукотибот, интиқоли ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дигар ба роҳ монда шаванд.

3. Маҳдудиятҳо доир ба истифодаи ҳуҷҷатҳои электронӣ метавонанд дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шаванд.

**Моддаи 8. Намудҳо ва сохтори ҳуҷҷати электронӣ**

1. Ҳуҷҷатҳои электронӣ ба ҳифзшуда ва одӣ тақсим мешаванд. Ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда бо имзои электронии ҳифзшуда имзо карда мешавад. Ҳуҷҷати электронии одӣ бо имзои электронии одӣ ё имзои электронии мукаммал имзо карда мешавад.

2. Ҳуҷҷати электронӣ аз қисмҳои умумӣ ва махсус иборат аст. Қисми умумии ҳуҷҷати электронӣ аз маълумоте, ки мазмуни ҳуҷҷатро ташкил менамояд ва маълумот дар бораи гирандаи мактуб иборат аст. Қисми махсуси ҳуҷҷати электронӣ аз як ё якчанд имзоҳои электронӣ иборат аст.

**Моддаи 9. Нусхаи аслии ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда**

Нусхаи аслии ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда танҳо дар шакли электронӣ, ки бо имзои электронии ҳифзшуда имзо шудааст, мавҷуд аст.

**Моддаи 10. Эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷати электронӣ**

1. Ҳуҷҷати электронӣ дар ҳамон вақт **имзошуда** эътироф карда мешавад, агар ҳангоми имзои он имзои электронӣ истифода шуда бошад.

2. Ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии ҳифзшуда имзо шудааст (ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда) бо ҳуҷҷати ҳомили коғазӣ, ки бо имзои дастӣ имзо шудааст, эътибори ҳуқуқии баробар дорад.

3. Ҳуҷҷати электронӣ, ки бо имзои электронии одӣ ё имзои электронии мукаммал (ҳуҷҷати электронии одӣ) имзо шудааст, дорои эътибори ҳуқуқии баробар бо ҳуҷҷати ҳомили коғазӣ дар сурате эътироф карда мешавад, агар ин ҳолат дар созишномаи байни иштирокчиёни низоми иттилоотӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошад.

(Давомаш дар саҳ. 8)

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ҲУҶҶАТИ ЭЛЕКТРОНӢ ВА ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**(Идома аз саҳ. 7)**

4. Дар гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ бо иштироки мақомоти давлатӣ танҳо ҳуҷҷатҳои электронии ҳифзшуда истифода мешаванд.

**Моддаи 11. Омода кардан, ба расмият даровардан, нигоҳ доштан ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ**

Қоидаҳои омода кардан, ба расмият даровардан, нигоҳ доштан ва гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байни иштирокчиёни низоми иттилоотӣ муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 12. Нигоҳдорӣ ва нобуд кардани ҳуҷҷатҳои электронӣ**

1. Нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ аз ҷониби ташкилотҳое, ки фаъолияти бойгонӣ, инчунин фаъолиятро оид ба нигоҳдории маълумоти ҳуҷҷатишуда пеш мебаранд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Ҳуҷҷатҳои электронӣ дар бойгониҳои электронӣ нигоҳ дошта мешаванд. Тартиби ташкили бойгонии электронӣ, инчунин тартиби нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ дар бойгониҳои электронӣ ва нобуд кардани онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 13. Ҳифзи ҳуҷҷатҳои электронӣ**

Шахсоне, ки ба омода кардан, коркард, қабул, интиқол ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои электронӣ машғуланд, бояд аз воситаҳои барномавӣ ва техникие истифода баранд, ки сатҳи зарурии ҳифзи ин гуна ҳуҷҷатҳоро аз тағйироти беиҷозат таъмин менамоянд.

**Моддаи 14. Ҳуҷҷатҳои электронии дорои маълумоти паҳншавиашон манъшуда ё маҳдудшуда**

Мазмуни ҳуҷҷатҳои электронӣ метавонад маълумоте бошад, ки дорои сирри хизматӣ ё тиҷоратӣ, инчунин дигар маълумоте бошад, ки паҳн кардани он манъ ё маҳдуд карда шудааст. Қоидаҳои истифода ва чораҳои ҳифзи чунин маълумотро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

**Моддаи 15. Фиристодан ва қабули ҳуҷҷати электронӣ**

1. Вақти фиристонидани ҳуҷҷати электронӣ лаҳзаи баромадани ҳуҷҷати электронӣ аз низоми иттилоотии ирсолкунанда ҳисобида мешавад.

2. Вақти қабул намудани ҳуҷҷати электронӣ лаҳзаи ворид шудани ҳуҷҷати электронӣ ба низоми иттилоотии қабулкунанда ҳисобида мешавад.

3. Макони фиристодан ва қабул намудани ҳуҷҷати электронӣ ҷойи истиқомат барои шахсони воқеӣ ва суроғаи ҳуқуқӣ барои иштирокчиёни дигари гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ эътироф карда мешавад.

**Моддаи 16. Масъулият барои мазмуни ҳуҷҷати электронӣ**

Масъулият барои мазмуни ҳуҷҷати электроние, ки бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ба расмият дароварда шудааст, ба зиммаи имзокунандаи ҳуҷҷати электронӣ вогузор мегардад.

### БОБИ 4. ШАРТҲОИ ИСТИФОДАИ ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Моддаи 17. Истифодаи имзои электронӣ**

1. Имзои электронӣ ҳангоми ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои электронӣ, аҳдҳо (шартномаҳо), дар ҳолатҳо ва тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешавад.

2. Имзои электронӣ метавонад ҳам дар низоми иттилоотии корпоративӣ ва ҳам дар низоми иттилоотии истифодаи умум бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур истифода шавад.

**Моддаи 18. Намудҳои имзоҳои электронӣ**

1. Ҳангоми тартиб додани ҳуҷҷатҳо ва аҳдҳо (шартномаҳо) метавонанд имзоҳои электронии зерин истифода шаванд:

1) имзои электронии одӣ;

2) имзои электронии мукаммал;

3) имзои электронии ҳифзшуда.

2. Имзои электронии одӣ бо комбинатсияи логин ва парол, рамзи тасдиқкунӣ, тавассути почтаи электронӣ, СМС-паёмак, фармоишҳои USSD ва усулҳои ҳамшабеҳи дигар тасдиқ карда мешавад ва танҳо дар сурате истифода мешавад, ки агар дар созишномаи иштирокчиёни низоми иттилоотӣ имконияти истифодаи он пешбинӣ шуда бошад. Ҳангоми истифодаи имзои электронии одӣ калиди санҷиши имзо, воситаҳои имзои электронӣ ва сертификати калиди санҷиши имзо истифода намешаванд.

3. Имзои электронии мукаммал бо калиди имзои электронӣ тасдиқ карда мешавад. Калиди имзои электронии мукаммал аз ҷониби субъектҳое, ки имзои электронии мукаммалро дар гардиши ҳуҷҷатҳои дохилӣ ё низоми иттилоотии корпоративӣ истифода мебаранд, мустақилона тахия карда мешавад. Имзои электронии мукаммал бояд маълумот дар бораи дорандаи имзои электронӣ ва силсилаи калидро дар бар гирад. Қоидаҳои сертификатонии имзоҳои электронии ҳифзшуда, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст, нисбат ба имзоҳои электронии мукаммал низ татбиқ мегарданд.

4. Истифодаи имзои электронии одӣ, тартиби пешниҳод ва истифодаи имзои электронии мукаммал дар гардиши ҳуҷҷатҳои дохилии субъекти муайян метавонад бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии шахси мансабдор ё мақоми дигари идоракунии ваколатдори ин субъект ба расмият дароварда шавад. Тартиби додан ва истифодаи имзои электронии мукаммал дар низоми иттилоотии корпоративӣ бо созишномаи иштирокчиёни низоми иттилоотии корпоративӣ муқаррар карда мешавад. Субъектони низоми иттилоотии корпоративӣ бояд ҳифзи имзоҳои электронии мукаммал ва истифодаи бехатарии онҳоро таъмин намоянд.

5. Имзои электронии ҳифзшуда танҳо ҳангоми имзои ҳуҷҷатҳои электронии ҳифзшуда истифода мешавад. Ҳуҷҷати электронии ҳифзшуда ва имзои электронии ҳифзшуда бояд маълумот дар бораи дорандаи имзои электронӣ, рақами сертификат ва муҳлати амали онро доро бошанд.

**Моддаи 19. Шартҳои эътирофи баробарии имзои электронӣ ва имзои дастӣ**

1. Имзои электронии одӣ ва имзои электронии мукаммал бо имзои дастӣ дар ҳолатҳое баробарарзиш эътироф карда мешаванд, агар созишномаи байни иштирокчиёни низоми иттилоотӣ ё санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуда бошанд.

2. Имзои электронии ҳифзшуда дар сурати риоя шудани шартҳои зерин бо имзои дастӣ баробарарзиш эътироф карда мешавад, агар:

1) муҳлати амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда мансуб ба ин имзои электронӣ ба охир нарасида бошад;

2) аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ тасдиқ шуда бошад.

**Моддаи 20. Шумораи имзоҳои электронии иштирокчиёни низоми иттилоотӣ**

Иштирокчиёни низоми иттилоотӣ ҳуқуқ доранд, ки шумораи бемаҳдуди имзоҳои электрониро истифода баранд.

**Моддаи 21. Омода кардани имзоҳои электронӣ**

1. Имзоҳои электронии одӣ ва имзоҳои электронии мукаммал аз ҷониби иштирокчиёни низоми иттилоотӣ мустақилона бо тартиби муқарарнамудаи Қонуни мазкур омода карда мешаванд.

2. Ҳангоми омода кардани имзоҳои электронии мукаммал субъектҳои истифодабарандаи ин намуди имзо бояд талаботҳои зеринро таъмин намоянд:

1) мавҷудияти мутахассисони дахлдор дар воҳиди кории худ;

2) истифодаи воситаҳои имзои электронӣ, ки бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур сертификатсия шудаанд;

3) пешбурди феҳристи калидҳои имзои электронии мукаммал;

4) нигоҳдории маълумот дар бораи сертификати калидҳои имзои электронии мукаммал. Тартиби нигоҳдории сертификати калидҳои имзои электронии ҳифзшуда, ки Қонуни мазкур нисбат ба марказҳои тасдиқкунанда пешбинӣ намудааст, инчунин нисбат ба субъектҳое, ки чунин калидҳои имзои электронии мукаммалро омода мекунанд, татбиқ мегардад;

5) санҷиши аслияти калиди имзои электронии мукаммал;

6) истифодаи имзои электронии мукаммал танҳо дар гардиши ҳуҷҷатҳои электронии дохилӣ ё дар гардиши ҳуҷҷатҳо байни иштирокчиёни низоми корпоративӣ.

3. Имзои электронии ҳифзшуда аз ҷониби марказҳои тасдиқкунанда дар асоси шартномаи бо иштирокчии низоми иттилоотӣ басташуда омода карда мешавад.

### БОБИ 5. ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНИИ ҲИФЗШУДА

**Моддаи 22. Калидҳои имзои электронии ҳифзшуда**

1. Ҳангоми истифодаи имзои электронии ҳифзшуда калидҳои кушода ва пӯшида истифода мешаванд.

2. Калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда дар маркази тасдиқкунанда нигоҳ дошта мешавад ва барои ҳамаи иштирокчиёни низоми иттилоотӣ дастрас аст. Калиди пӯшидаи имзои электронӣ танҳо аз ҷониби дорандаи он бидуни дастрасии шахсони дигар ба он нигоҳ дошта мешавад ва истифода мегардад.

**Моддаи 23. Омода кардани калидҳои имзои электронии ҳифзшуда**

1. Дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон калидҳои имзои электронии ҳифзшуда аз ҷониби марказҳои тасдиқкунанда дар асоси шартномаҳои дахлдори бо иштирокчиёни низоми иттилоотӣ басташуда омода карда мешаванд.

2. Ҳангоми омода кардани калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда, ҳифзи минбаъдаи онҳо ва санҷиши аслияти сертификати калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда бояд танҳо аз воситаҳои сертификатсияшудаи имзоҳои электронӣ истифода шавад.

3. Ҷуброни зарар вобаста ба омода кардани калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда тавассути воситаҳои сертификатсиянашудаи имзои электронӣ аз ҷониби марказҳои тасдиқкунандае, ки калидҳои имзои ҳифзшудаи электрониро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон омода кардаанд, амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 24. Сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда**

1. Ҳангоми омода кардани калиди имзои электронии ҳифзшуда ба дорандаи имзои электронии ҳифзшуда сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда дода мешавад.

2. Сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда бояд дорои маълумоти зерин бошад:

1) рақами нодири бақайдгирии сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда;

2) санаи оғоз ва ба охир расидани муҳлати амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда, ки дар феҳристи маркази тасдиқкунанда мавҷуд аст;

3) насаб, ном ва номи падари (агар бошад) дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда;

4) калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда;

5) номгӯйи воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда, ки дар онҳо калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда истифода мешавад;

6) маълумот дар бораи маркази тасдиқкунанда, ки сертификати калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшударо додааст, аз ҷумла номгӯй, ҷойгиршавӣ ва силсилаи иҷозатнома.

3. Сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда бояд аз ҷониби маркази тасдиқкунанда на дертар аз як рӯз пеш аз оғози муҳлати амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ба феҳристи сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда ворид карда шавад.

4. Дар сурати додани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда дар шакли ҳуҷҷати ҳомили коғазӣ, инчунин сертификат дар бланки маркази тасдиқкунанда ба расмият дароварда шуда, бо имзои дастии шахси ваколатдор ва муҳри маркази тасдиқкунанда тасдиқ карда мешавад.

5. Дар сурати додани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ва маълумоти иловагии зикршуда дар шакли ҳуҷҷати электронӣ ин сертификат бояд бо имзои электронии ҳифзшудаи шахси ваколатдори маркази тасдиқкунанда тасдиқ карда шавад.

**Моддаи 25. Боздоштан ва бекор кардани амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда**

1. Маркази тасдиқкунанда уҳдадор аст амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшударо ба муҳлати аз ҷониби дорандаи имзои электронии ҳифзшуда нишондода боздорад.

2. Маркази тасдиқкунанда уҳдадор аст сертификати имзои электронии ҳифзшударо дар ҳолатҳои зерин бекор намояд:

1) баъди ба охир расидани муҳлати амали сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда;

2) бо дархости дорандаи имзои электронии ҳифзшуда;

3) ҳангоми ошкор намудани нодурустии маълумоти дар ариза зикршуда барои гирифтани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда;

4) бо қарори мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ;

5) ҳангоми ворид намудани тағйирот ба сертификати калиди электронии ҳифзшуда;

6) дар сурати фавти дорандаи калиди имзои электронии ҳифзшуда ё ғайри қобили амал эътироф шудани ӯ.

3. Дар сурати боздоштан ё бекор намудани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда, маркази тасдиқкунанда ба феҳристи сертификатҳои калиди имзои электронии ҳифзшуда маълумоти дахлдорро бо нишон додани сана ва вақти боздоштан ё бекор кардани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ворид мекунад, инчунин дар ин бора дорандаи имзои электронии ҳифзшуда ё шахси дигареро, ки аз ӯ дастур оид ба боздоштан ё бекор кардани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда гирифта шудааст, огоҳ менамояд.

**Моддаи 26. Уҳдадориҳои дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда**

Дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда уҳдадор аст:

1) дастрасии шахсони дигарро ба калиди пӯшидаи имзои электронии худ роҳ надиҳад;

2) ҷиҳати омода кардани имзои электронии ҳифзшуда калиди пӯшидаро истифода набарад, агар асосҳои далолаткунандаи вайроншавии махфияти калиди пӯшида мавҷуд бошанд;

3) дар сурати гум шудани калиди пӯшида ё мавҷуд будани асосҳое, ки ба халалдоршавии махфияти калиди пӯшида далолат менамоянд, боздоштан ё бекор намудани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшударо бетаъхир талаб намояд;

4) сари вақт маркази тасдиқкунандаро дар бораи ҳама гуна тағйирот дар маълумоти шахсии дар сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда мавҷудбуда огоҳ созад;

5) дигар уҳдадориҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур ва шартномаи бо маркази тасдиқкунанда басташударо иҷро намояд.

**Моддаи 27. Муҳлат ва тартиби нигоҳдории сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда дар маркази тасдиқкунанда**

1. Муҳлати нигоҳдории сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда дар шакли ҳуҷҷати электронӣ ё дар ҳомили қоғазӣ дар маркази тасдиқкунанда тибқи шартномаи байни маркази тасдиқкунанда ва дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда басташуда муайян карда мешавад.

2. Пас аз гузаштани муҳлати зикршудаи нигоҳдорӣ сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда аз феҳристи сертификатҳои калиди имзо хориҷ карда шуда, ба реҷаи нигоҳдории бойгонӣ гузаронида мешавад.

3. Муҳлати нигоҳдории бойгонӣ панҷ сол муқаррар карда мешавад. Тартиби додани нусхаҳои сертификатҳои калиди имзо дар давраи нигоҳдории онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 28. Санҷиши аслияти имзои электронӣ**

1. Санҷиши аслияти имзои электронии ҳифзшуда тавассути муроҷиати шахсон ва истифодабарандагони сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ба маркази тасдиқкунанда бо пешниҳоди маълумот дар бораи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда анҷом дода мешавад.

2. Марказҳои тасдиқкунанда уҳдадоранд дастрасии шахсонро ба махзани сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда дар сомонаҳои интернетии худ таъмин намоянд.

3. Қоидаҳои дастрасӣ ба махзани сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда аз ҷониби марказҳои тасдиқкунанда муайян карда мешаванд ва бояд дар сомонаҳои интернетии онҳо дастрас бошанд.

**Моддаи 29. Воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда ва сертификатсияи онҳо**

1. Воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда бояд инҳоро таъмин намоянд:

1) нодир будани калидҳои пӯшида ва кушодаи омодакардашуда;

2) мураккабии ҳисоббарории зарурӣ доир ба муайян намудани калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда;

3) махфияти калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда;

4) ҳифзи калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда.

2. Воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ҳатман сертификатсия шаванд. Ба воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда сертификати воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда дода мешавад.

3. Ба истифодаи имзоҳои электронии ҳифзшудаи сертификатсиянашуда ва калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшудаи аз ҷониби онҳо омодакардашуда иҷозат дода намешавад.

### БОБИ 6. МАРКАЗИ ТАСДИҚКУНАНДА

**Моддаи 30. Вазъи ҳуқуқии маркази тасдиқкунанда**

1. Маркази тасдиқкунанда шахси ҳуқуқӣ буда, хизматрасониҳоро вобаста ба додани сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда, инчунин хизматрасониҳоро вобаста ба истифодаи имзои электронии ҳифзшуда ва тасдиқи аслияти ҳифзи имзоҳои электронӣ пешниҳод менамояд.

2. Марказҳои тасдиқкунанда метавонанд дар шакли марказҳои тасдиқкунандаи давлатӣ ва ғайридавлатӣ (хусусӣ) таъсис дода шаванд. Марказҳои тасдиқкунандаи давлатӣ ба мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ хизматрасониҳоро вобаста ба имзоҳои электронии ҳифзшуда пешниҳод мекунанд. Марказҳои тасдиқкунандаи давлатӣ метавонанд ба дигар субъектҳои хоҷагидор низ хизмат расонанд. Марказҳои тасдиқкунандаи ғайридавлатӣ (хусусӣ) ба субъектҳои хоҷагидор, ба истиснои мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ ва корхонаҳои давлатӣ, вобаста ба имзоҳои электронии ҳифзшуда хизматрасониҳоро анҷом медиҳанд.

3. Бақайдгирии давлатии марказҳои тасдиқкунанда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

4. Талаботи ба марказҳои тасдиқкунанда пешниҳодшаванда аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ муайян мегардад.

5. Талаботи асосӣ оид ба таъмини бехатарии низомҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионии марказҳои тасдиқкунанда, аз ҷониби онҳо истифодаи воситаҳои ҳифзи криптографӣ ва техникии иттилоотро мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ муқаррар менамояд.

**Моддаи 31. Иҷозатномадиҳӣ ба фаъолияти марказҳои тасдиқкунанда**

1. Фаъолият оид ба додани сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда, хизматрасониҳо вобаста ба истифодаи имзоҳои электронии ҳифзшуда ва тасдиқи аслияти ҳифзи имзоҳои электронии ҳифзшуда тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳти иҷозатномадиҳӣ қарор дода шавад.

2. Фаъолияти субъектҳои хоҷагидор, ки ба омода ва истифода кардани имзои электронии одӣ ва имзои электронии мукаммал равона шудааст, тибқи Қонуни мазкур ҳамчун фаъолияти маркази тасдиқкунанда эътироф карда намешавад ва таҳти иҷозатномадиҳӣ қарор дода намешавад.

**Моддаи 32. Шартҳои амалигардонии фаъолият аз ҷониби маркази тасдиқкунанда**

Маркази тасдиқкунанда фаъолияти худро дар сурати мавҷуд будани шартҳои зерин амалӣ менамояд:

1) мавҷудияти захираҳои дахлдори молиявӣ, моддӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ, ки барои таъмини бехатарӣ, эътимоднокӣ ва муттасилии пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба сертификатсияи калидҳои имзои электронии ҳифзшуда, инчунин барои пӯшонидани зараре, ки метавонад дар робита бо пешниҳоди чунин хизматрасонӣ расонида шавад, зарур аст;

2) мавҷудияти калиди сертификатсияшудаи имзои шахси ваколатдори маркази тасдиқкунанда, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои сертификатсияи калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда таъин гардидааст;

3) таъмини бақайдгирии боэътимод ва саривақтии маълумот дар феҳристи сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда, аз он ҷумла пешниҳоди саривақтии хизматрасониҳо оид ба боздоштан ва бекор кардани амали сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда;

4) таъмини имконияти муайян кардани сана ва вақти додани сертификат, боздоштан ё бекор кардани сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда;

5) мавҷудияти кормандони дорои тахассуси дахлдор, ки барои пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба сертификатсияи калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшуда заруранд;

6) таъмини бехатарии имзои электронии ҳифзшуда;

7) нигаҳдории маълумот дар бораи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда бо тартиби пешбининамудаи Қонуни мазкур;

8) мутобиқат ба шартҳои дигари махсуси муқаррарнамудаи мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ.

**Моддаи 33. Ҳуқуқ ва вазифаҳои маркази тасдиқкунанда**

1. Маркази тасдиқкунанда ҳуқуқ дорад:

1) сертификатҳои калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшударо омода кунад ва пешниҳод намояд;

2) амали сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшударо боздорад, аз нав барқарор намояд, бекор намояд ва тағйироти дахлдорро ба феҳристи сертификатҳои калиди имзои электронии ҳифзшуда ворид намояд;

3) дар асоси шартнома намудҳои дигари хизматрасониеро, ки бо имзоҳои электронии ҳифзшуда алоқаманданд, пешниҳод намояд.

2. Маркази тасдиқкунанда уҳдадор аст:

1) ба эътимодбахшии маълумоте, ки дар дархост оид ба сертификатсияи калиди имзои электронии ҳифзшуда зикр шудаанд, дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи чунин маълумот боварӣ ҳосил кунад;

2) мутобиқати маълумоти дар сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ба маълумоти пешниҳодкардаи дорандаи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшударо таъмин намояд;

3) феҳристи сертификатҳои калиди имзои электронии ҳифзшударо пеш бурда, навсозии он ва дастрасии озод ба онро таъмин намояд, маълумоти заруриро дар бораи сертификати калиди имзои электронии ҳифзшуда ба феҳристи сертификатҳои калиди имзои электронии ҳифзшуда на дертар аз як рӯз то оғози муҳлати амали сертификат дохил намояд;

4) санҷиши нодир будани калидҳои имзоҳои электронии ҳифзшударо дар феҳристи сертификатҳои калидҳои имзои электронии ҳифзшуда ва бойгонии маркази тасдиқкунанда анҷом диҳад;

5) дорандаи сертификати калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшударо дар бораи далелҳои ба маркази тасдиқкунанда маълумшуда, ки аз имконнопазирии истифодаи минбаъдаи калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда далолат менамоянд, инчунин дар бораи боздоштан ё бекор намудани сертификати калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда огоҳ намояд;

6) ба шахсон маълумоти мавҷудаԗро, ки барои тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда зарур мебошанд, пешниҳод намояд;

7) дигар уҳдадориҳоро тибқи Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шартномае, ки байни маркази тасдиқкунанда ва дорандаи имзои электронии ҳифзшуда ба имзо расидааст, иҷро намояд.

Моддаи 34. Қатъ гардидани фаъолияти маркази тасдиқкунанда

1. Фаъолияти маркази тасдиқкунанда метавонад бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъ карда шавад.

2. Дар сурати қатъ гардидани фаъолияти маркази тасдиқкунанда бо роҳи барҳамдиҳӣ, маркази тасдиқкунанда уҳдадор аст на камтар аз ду моҳ қабл аз қатъи фаъолияти худ ҳамаи дорандагони имзоҳои электронии ҳифзшударо, ки ба онҳо хизмат мерасонад, оид ба ин ҳолат хабар диҳад.

3. Тартиби истифодаи маълумоти маркази тасдиқкунанда баъд аз қатъ гардидани фаъолияти он аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ муайян карда мешавад.

### БОБИ 7. ЭЪТИРОФ НАМУДАНИ СЕРТИФИКАТИ ХОРИҶИИ КАЛИДИ ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**Моддаи 35. Эътироф намудани сертификати хориҷии калиди имзои электронӣ**

1. Эътироф намудани сертификати хориҷии калиди имзои электронӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

2. Имзои электроние, ки тибқи ҳуқуқи давлати хориҷӣ омода карда шудааст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун имзои электроние эътироф карда мешавад, ки аломатҳояш тибқи Қонуни мазкур ба чунин намуди имзои электронӣ мутобиқ мебошад.

3. Имзои электронӣ ва ҳуҷҷати электроние, ки бо он имзо шудааст, танҳо дар асоси он, ки сертификати калиди имзои электронӣ тибқи ҳуқуқи давлати хориҷӣ дода шудааст, эътибори ҳуқуқӣ надошта ҳисобида намешавад.

4. Тартиби эътирофи имзои электронӣ, ки тибқи ҳуқуқи давлати хориҷӣ омода карда шудааст, аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи имзои электронӣ муайян карда мешавад.

### БОБИ 8. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 36. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 37. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» аз 10 майи соли 2002 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ.1, мод. 308; с. 2005, № 12, мод. 637; с. 2012, № 12, қ.1, мод. 1002; с. 2013, №7, мод. 523; с. 2014, №12, мод. 828) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» аз 30 июли соли 2007 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №7, мод. 682; с. 2010, №7, мод. 560; с. 2011, №3, мод. 166) аз эътибор соқит дониста шаванд.

**Моддаи 38. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1965**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 374**

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 ноябри соли 2001, №434 «Оиди қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ» ва мавриди амал қарор додани он» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ.1, мод. 310; с. 2005, №11, мод. 567; с. 2012, №11, мод. 898; с. 2013, №2, мод. 112; с. 2014, №12, мод. 853) ва Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2007, №708 «Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2007, №6, мод. 532; с. 2010, №6, мод. 454; с. 2011, №2, мод. 74) аз эътибор соқит дониста шаванд.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 феврали соли 2023, № 973**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» аз 2 августи соли 2011 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 612; с. 2015, №11, мод. 973; с. 2018, №7-8, мод. 534; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1943) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Номи Қонун дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО».

2. Дар матни Қонун калимаҳои «пасандозҳои шахсони воқеӣ», «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеиро», «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», «ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ ПАСАНДОЗҲОИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ», «пасандозҳои шахсони воқеии», «пасандозҳои шахсони воқеиро», «пасандозҳои зерини шахсони воқеӣ», «пасандоз», «пасандозҳо», «ПАСАНДОЗҲО», «пасандозҳои», «пасандози», «пасандозӣ», «пасандозҳое», «ӯҳдадории», «ӯҳдадориҳо», «ӯҳдадориҳои», «Ӯҳдадориҳои», «ӯҳдадор», «мӯҳри», «Мӯҳлати», «мӯҳлати», «мӯҳлат», «мӯҳлатро», «мӯҳлате» ва «вуқӯъ» мувофиқан ба калимаҳои «амонату пасандозҳо», «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистонро», «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон», «ХАЗИНАИ СУҒУРТАИ АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲОИ ТОҶИКИСТОН», «амонату пасандозҳои», «амонату пасандозҳоро», «амонату пасандозҳои зерин», «амонату пасандоз», «амонату пасандозҳо», «АМОНАТУ ПАСАНДОЗҲО», «амонату пасандозҳои», «амонату пасандози», «амонату пасандозӣ», «амонату пасандозҳое», «уҳдадории», «уҳдадориҳо», «уҳдадориҳои», «Уҳдадориҳои», «уҳдадор», «муҳри», «Муҳлати», «муҳлати», «муҳлат», «муҳлатро», «муҳлате» ва «вуқуъ» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 1:

- сархатҳои шашум ва ҳаштум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- **пасандоздор** – шахси воқеӣ, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсони ҳуқуқии субъекти соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми содакардашудаи баҳисобгириро истифода мекунанд ва бо ташкилоти қарзӣ шартномаи пасандози бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ бастаанд;

- **пасандозҳои суғурташуда** – маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳое, ки тибқи Қонуни мазкур объекти ҳатмии суғурта мебошанд;»;

- дар сархати ёздаҳум аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шуда, сархатҳои дувоздаҳум, сездаҳум ва чордаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«- **амонат** – маблағ ва сарватҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ташкилоти қарзӣ барои нигоҳдорӣ супорида шудаанд;

- **низоми суғуртаи амонату пасандозҳо** – ҳимояи давлатии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии пасандоздорон, ки аз ҷониби Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилоти қарзӣ равона шудааст;

- **бонк-агент** – ташкилоти қарзӣ, ки тавассути он Хазина ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздорон мувофиқи Қонуни мазкур пардохт мекунад.».

4. Дар моддаи 4:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Хазина шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ва дорои тавозуни мустақилу муҳр буда, дар асоси оинномаи худ, ки муассисони Хазина тасдиқ кардаанд, фаъолият мекунад.»;

- қисми 7 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«7. Хазина дар асоси Қонуни мазкур суғуртаи маблағҳои суратҳисобҳои амонату пасандозиро бе бастани шартнома бо ташкилотҳои қарзӣ амалӣ менамояд.».

5. Ба моддаи 5 сархати дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- таъмини фаъолияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва мусоидат ба устувории низоми молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;».

6. Моддаи 7 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 7. Маблағҳои Хазина**

1. Маблағҳои Хазина аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбанд:

- пардохтҳои ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина;
- даромад аз сармоягузорӣ;
- маблағи қарзи гирифташуда, аз ҷумла маблағҳое, ки аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарз гирифта мешаванд;
- маблағи аз рӯйи иҷрои уҳдадориҳои Хазина бадастомада, аз ҷумла аз рӯйи ҷубронпулии ба пасандоздорон пардохтшуда, ки манфиатҳои онҳо мутобиқи Қонуни мазкур ба Хазина вогузор шудаанд;
- маблағҳои дигаре, ки қонунгузорӣ манъ накардааст.

2. Андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина ба андозаи ҳафт фоизи маблағи умумии амонату пасандозҳои суғурташуда, ки дар ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина мавҷуд аст, муқаррар карда мешавад. Дар ҳолати аз ҳафт фоиз зиёд гардидани андозаи ҳадди аксари маблағҳои Хазина қарори Шӯрои нозирони Хазина дар бораи кам кардан ё боздоштани супоридани пардохтҳои тақвимӣ қабул карда мешавад.

3. Андозаи ҳадди ақали маблағҳои Хазина набояд аз андозае, ки бо мақсади пешгирии касри Хазина дар асоси методологияи тасдиқкардаи Шӯрои нозирони Хазина муайян шудааст, камтар бошад. Ҳангоми то андозаи ҳадди ақал кам шудани маблағҳои Хазина ё хавфи ба таври назаррас коҳиш ёфтани он, Хазина ҳуқуқ дорад барои пурра кардани маблағҳо аз манбаъҳои дар Қонуни мазкур пешбинигардида истифода барад.».

7. Моддаи 9 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 9. Суратҳисобҳои Хазина**

1. Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисобҳо бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, инчунин феҳристи маҳфуздоранда дорад, ки дар он бояд маблағҳои молиявии Хазина нигоҳ дошта шаванд.

2. Хизматрасонии суратҳисобҳои Хазина аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси созишномаи байни тарафҳо амалӣ карда мешавад.

3. Хазина метавонад барои иҷрои вазифаҳои худ дар Бонки миллии Тоҷикистон суратҳисобҳои дигар дошта бошад.

4. Суратҳисобҳои Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон ва хароҷоти амалиётии он пешбинӣ шуда, метавонанд дар ташкилотҳои қарзӣ ва бонк-агентҳо кушода шаванд.

5. Хазина метавонад дар ташкилотҳои қарзии дигар ва маҳфуздоранда, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон ҳамчун дорандагони сандуқи коғазҳои қиматноки Хазина тасдиқ шудаанд ва ба таркиби дороиҳои молиявии Хазина дохил мешаванд, феҳристи маҳфуздорандаро кушояд.».

8. Моддаи 10 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 10. Сармоягузории Хазина**

1. Хазина метавонад танҳо ба воситаҳои молиявии зерин сармоягузорӣ намояд:

- коғазҳои қиматноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон;
- коғазҳои қиматноки давлатҳои хориҷӣ ё бонкҳои марказии (миллии) хориҷии бонуфуз;
- амонатҳо дар Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ;
- коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки дорои яке аз ду рейтинги баландтарини агентиҳои рейтингӣ мебошанд;
- коғазҳои қиматноки созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмиядори онҳо мебошад.

2. Талаботи аввалиндараҷа барои сармоягузории маблағҳои Хазина бехатарӣ ва пардохтпазирии маблағҳои ҷойгиркардашуда мебошад.

3. Хазина метавонад дар амалиётҳои РЕПО (хариди (фурӯши) коғазҳои қиматнок бо уҳдадории бозфурӯши (бозхариди) онҳо дар муҳлат ва бо нархи қаблан муайянгардида) бо мақсади таъмини пардохтпазирӣ ҷиҳати пардохти ҷубронпулии амонату пасандозҳои суғурташуда ва ё пардохти уҳдадориҳои Хазина иштирок намояд.».

9. Дар моддаи 13:

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Хазина ҳангоми бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ бинобар барҳамдиҳии маҷбурӣ ва ё ихтиёрӣ, инчунин азнавташкилдиҳӣ ташкилоти қарзиро аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хориҷ карда, тасдиқномаи узвиятро бозхонд менамояд.»;

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Хазина Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи Шӯрои нозирон пеш мебарад.».

10. Ба моддаи 14 сархати панҷум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- ба пасандоздорон пешниҳоди маълумотро оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бо тартибе, ки Хазина муқаррар кардааст, таъмин намояд;».

11. Дар моддаи 15:

- матни модда қисми якум ҳисобида ва рақамгузорӣ карда шуда, пас аз калимаи «сармояи» аломат ва калимаи «(фонди)» илова карда шавад;

- қисмҳои 2, 3 ва 4 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«2. Ташкилоти қарзие, ки дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ, ба истиснои табдилдиҳӣ, таъсис ёфтааст, аз пардохти ҳаққи узвият озод мебошад.

3. Дар ҳолати табдилдиҳии ташкилоти амонатии қарзии хурд ба бонк ҳаққи узвият ба андозаи 0,5 фоизи ҳадди ақали сармояи (фонди) оинномавии барои бонкҳо муқарраршуда пардохт карда мешавад.

4. Бонки мутавассит аз пардохти ҳаққи узвият ба Хазина озод мебошад.».

12. Дар моддаи 16:

- қисми 1 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Ташкилоти қарзӣ ҳар семоҳа ба андозаи 0,1 фоиз барои амонату пасандозҳо бо пули миллӣ ва 0,3 фоиз барои амонату пасандозҳо бо асъори хориҷӣ аз рӯйи бақияи миёнаи семоҳаи гузаштаи онҳо, ки дар ташкилоти қарзӣ мавҷуданд ва бояд суғурта шаванд, пардохтҳои тақвимии бебозгаштро бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ пардохт менамояд.»;

- дар қисми 2 калимаи «бистуми» ба калимаҳои «понздаҳуми» иваз карда шавад;

- қисми 4 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Ҳар як ташкилоти қарзӣ уҳдадор аст ҳар семоҳа, бо шарти дар ин муддат дар ташкилоти қарзӣ ҷой доштани ҳолати суғуртавӣ, то рӯзи бозхонди иҷозатнома пардохтҳои тақвимии ҳисобшударо ба Хазина пардохт намояд.».

13. Дар моддаи 20:

- дар номи модда пас аз калимаи «пардохтҳо» калимаҳои «ва ҳисоботҳо» илова карда шаванд;

- ба қисми 1 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Маблағи ноустуворонаи ҳисобшуда набояд аз маблағи пардохтҳои тақвимӣ барои давраи ҳисоботӣ зиёд бошад.»;

- қисми 2 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Хазина дар бораи рӯёнидани пардохтҳои тақвимӣ, пардохтҳои иловагӣ ва ноустуворона ба ташкилоти қарзӣ огоҳинома ирсол менамояд.»;

- қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Дар ҳолати сари вақт, пурра ва ё дуруст пешниҳод накардани пардохтҳо ва ҳисоботҳо аз ҷониби ташкилоти қарзӣ Хазина барои андешидани чораҳои фаврииислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбати ташкилоти қарзӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон дархост ирсол менамояд.».

14. Моддаи $21^{1}$ дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи $21^{1}$. Объекти ҳатмии суғурта**

1. Уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ оид ба баргардонидани маблағи амонату пасандозҳои дар суратҳисобҳои бонкӣ гузоштаи пасандоздорон бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки бо шартномаҳои пасандози бонкӣ ва (ё) суратҳисобҳои амонатии бонкӣ, суратҳисобҳои бонкии кортҳои пардохтӣ ва ё дафтарчаҳои амонатӣ тасдиқ карда шудаанд, объекти ҳатмии суғурта ба ҳисоб мераванд.

2. Ба объекти ҳатмии суғурта инҳо дохил намешаванд:

- ҳисобҳои металлии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;
- маблағҳои пулӣ ва дороиҳои дар қуттиҳои сейфии бонкӣ гузошташуда;
- сертификатҳои бонкӣ;
- суратҳисобҳои амонату пасандозии шахсони ҳуқуқӣ, ба истиснои субъектҳои соҳибкории хурд ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ;
- суратҳисобҳои амонату пасандозии дар ташкилотҳои қарзии исломӣ кушодашуда;
- маблағҳои электронӣ;
- суратҳисобҳои амонату пасандозие, ки ҳуқуқ ба онҳо ба шахсони дигар дар асоси шартномаи берун аз ташкилоти қарзӣ басташуда дода мешавад;
- суратҳисобҳои амонату пасандозие, ки дорандаи ҳуқуқи ихтиёрдории онҳо дар ташкилоти қарзӣ муайян нест.».

15. Дар моддаи 22:

- қисмҳои 1, 2, 3 ва 4 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«1. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ Хазина ба пасандоздор маблағи суратҳисобҳои амонату пасандозҳои суғурташударо дар ташкилоти қарзӣ ҷуброн менамояд. Андозаи ҷубронпулӣ аз рӯйи амонату пасандозҳои суғурташуда на бештар аз 35 000 (сию панҷ ҳазор) сомонӣ мебошад.

2. Агар пасандоздор дар ташкилоти қарзӣ якчанд суратҳисоби амонату пасандозӣ дошта бошад, он гоҳ ин суратҳисобҳо ҳамчун як суратҳисоби пасандозӣ дониста шуда, ҷубронпулӣ дар асоси андозаи умумии маблағи дар суратҳисобҳои амонату пасандозӣ мавҷудбуда ва на зиёда аз андозаи дар қисми 1 моддаи мазкур муқарраршуда пардохт карда мешавад.

3. Агар ҳолати суғуртавӣ дар якчанд ташкилоти қарзӣ фаро расад, ки дар онҳо пасандоздор суратҳисобҳои амонату пасандозӣ дорад, он гоҳ андозаи ҷубронпулии суғурта барои ҳар як ташкилоти қарзӣ алоҳида ҳисоб карда мешавад.

4. Фоизҳои амонату пасандозҳо аз ҷониби Хазина ҷуброн карда намешаванд. Агар тибқи шартномаи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ сармоякунонии фоизҳо пешбинӣ шуда бошад, он гоҳ ҷубронпулӣ аз рӯйи маблағи бақияи суратҳисобҳои амонату пасандозӣ пардохт карда мешавад.»;

- ба қисми 5 ҷумлаи якум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Амонату пасандозҳое, ки бо пули миллӣ гузошта шудаанд, бо пули миллӣ ҷуброн карда мешаванд.»;

- ба қисмҳои 14 ва 15 пас аз калимаҳои «талаб кардани», «аз рӯи чунин» ва «аз рӯи» калимаи «амонату» илова карда шавад;

- қисми 16 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«16. Андозаи ҷубронпулӣ, ки дар қисми 1 моддаи мазкур муайян шудааст, давра ба давра, вале на камтар аз як маротиба дар се сол бо назардошти раванди рушди низомҳои бонкию молиявӣ ва иқтисодии кишвар, дар ҳолати ба миён омадани зарурат аз нав дида баромада мешавад.».

16. Сархатҳои якум ва дуюми моддаи 24 хориҷ карда шаванд.

17. Дар моддаи 25:

- дар қисми 1 калимаҳои «як соли ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ» ба калимаҳои «як соли пас аз рӯзи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта» иваз карда шаванд;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Хазина на дертар аз 14 рӯзи пас аз ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ, пардохти ҷубронпулии суғуртаро ба пасандоздор оғоз менамояд. Санаи оғози пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздор метавонад аз ҷониби Хазина дар мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон тамдид карда шавад.»;

- қисмҳои 3, 4, 5, 6, 7 ва 8 мувофиқан қисмҳои 4, 5, 6, 7, 8 ва 9 ҳисобида шаванд.

18. Сархати дуюми қисми 2 моддаи 26 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- дар ҳолатҳои фавқулода, инчунин ҳангоми дар хориҷи кишвар, дар хизмати ҳарбӣ, дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ будани пасандоздор, ҳамчунин бо сабабҳои бо ба даст овардан ё кушодани мерос алоқаманд, ки ба пасандоздор барои сари вақт муроҷиат кардан ҷиҳати гирифтани ҷубронпулии суғурта имкон надода бошад.».

19. Қисми 1 моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«1. Хазина ҳуқуқи қарздеҳро дар ҳолатҳои зерин соҳиб мегардад:

- дар сурати ба вуқӯъ омадани ҳолати суғуртавӣ ҳуқуқи талаби ҳамаи маблағҳо ва манфиатҳои пасандоздорон баробар ба андозаи маблағи суғурташудаи амонату пасандозҳо, ки аз ҷониби Хазина ҷуброн карда мешавад, ба Хазина мегузарад ва он метавонад нисбат ба чунин талабот аз номи пасандоздор ва ё аз номи Хазина амалҳои ҳуқуқиро иҷро намояд;

- аз рӯйи маблағи пардохтҳои тақвимӣ ва ноустуворонаи ҳисобшуда то рӯзи бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ.».

20. Дар моддаи 35:

- сархатҳои чордаҳум ва понздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- қабули қарор дар бораи кам кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ на зиёда аз нисфи андозае, ки дар моддаи 16 Қонун муқаррар шудааст, ҳангоми ба андозаи ниҳоӣ расидани маблағҳои Хазина;

- қабули қарор дар бораи муваққатан боздоштани пардохтҳои тақвимии ташкилоти қарзӣ, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳти батанзимдарорӣ қарор дорад ё тибқи нақшаи солимгардонии аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқшуда фаъолият дорад;»;

- сархати бистум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«- қабули қарор дар бораи муваққатан муқаррар кардани андозаи пардохтҳои тақвимӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ то 0,5 фоиз бо мақсади барқароркунии маблағҳои Хазина ва иҷрои уҳдадориҳои Хазина аз рӯйи қарзҳои ҷалбшуда;».

21. Сархати шонздаҳуми қисми 3 моддаи 37 хориҷ карда шавад.

22. Моддаи $40^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $40^{1}$. Аудити дохилӣ**

1. Аудити дохилии Хазина дар асоси низомнома оид ба сиёсати назорати дохилӣ, ки аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ шудааст, амалӣ карда мешавад.

2. Аудитори дохилӣ ҳар сол ба Шӯрои нозирон оид ба масъалаҳои марбут ба салоҳияти худ ҳисобот пешниҳод менамояд ва он аз ҷониби Шӯрои нозирон тасдиқ карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур 3 моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1961**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 370**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 январи соли 2023, № 962**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БОҶИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 51; с. 2005, №12, мод. 630; с. 2006, №12, мод. 541; с. 2008, №6, мод. 460, №12, қ. 2, мод. 1000; с. 2009, №3, мод. 88; с. 2010, №1, мод. 8, мод. 10, №12, қ. 1, мод. 823; с. 2012, №12, қ. 1, мод. 999; с. 2013, №3, мод. 190; с. 2014, №7, қ. 2, мод. 408; с. 2015, №11, мод. 968, мод. 969, мод. 970; с. 2016, №5, мод. 368; с. 2019, №4-5, мод. 231; с. 2020, №1, мод. 26, №7-9, мод. 615) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 4:

1) дар қисми 2:

- дар муқаддимаи банди 2) ва минбаъд матни модда калимаи «предмети» ба калимаи «мавзӯи» иваз карда шавад;

- дар банди 3) ва минбаъд матни қонун калимаҳои «амвол» ва «амволи» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулк» ва «молу мулки» иваз карда шаванд;

2) дар қисми 6:

- дар банди 27) аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- банди 28) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«28) барои додани нусхаи тасдиққардашудаи (дубликати) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилотҳои адвокатӣ - ба андозаи 50 фоизи боҷи давлатӣ, ки барои бақайдгирии таъсисёбии субъект пешбинӣ карда шудааст.»;

3) дар қисми 7:

- дар сархатҳои сеюми зербандҳои а), б) ва в) банди 1) калимаи «Қӯрғонтеппа» ба калимаи «Бохтар» иваз карда шавад;

- дар муқаддимаи банди 10) ва минбаъд матни қонун калимаи «қаламрави» ба калимаи «ҳудуди» иваз карда шавад;

- дар банди 14) пас аз калимаи «тасдиқи» калимаҳои «уҳдадориҳо, розигиҳо ва» илова карда шаванд;

- банди 25) хориҷ карда шавад;

- дар банди 32) аломати нуқта ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шавад;

- бандҳои 26) - 32) мувофиқан бандҳои 25) - 31) ҳисобида шаванд;

- банди 32) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«32) барои тасдиқи дигар амалиёт - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо.»;

4) қисми 13 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«13. Барои анҷом додани амалиёт оид ба бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва дигар амалиёт вобаста ба асноди ҳолати шаҳрвандӣ боҷи давлатӣ ба андозаҳои зерин ситонида мешавад:

1) барои бақайдгирии давлатии ақди никоҳе, ки яке аз тарафҳо шаҳрванди хориҷӣ ё шахси бешаҳрванд бошад - ба андозаи панҷкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

2) барои бақайдгирии давлатии бекор кардани ақди никоҳ:

- дар асоси аризаи яке аз ҳамсарон - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- дар асоси аризаи муштараки ҳамсарон - ба андозаи панҷкаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

- дар асоси ҳалномаи суд - ба андозаи ҳафткаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

3) барои ворид намуданиислоҳот, тағйирот ва иловаҳо ба сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ дар бораи таваллуд, ақди никоҳ, бекор кардани никоҳ ва вафот - ба андозаи яккаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

4) барои додани шаҳодатномаи такрории бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ - ба андозаи дукаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо;

5) барои бақайдгирии давлатии иваз намудани насаб, ном ва номи падар - ба андози секаратаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо.».

2. Қисми 4 моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«4. Дар мақомоти бақайдгирии асноди ҳолати шаҳрвандӣ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд:

1) мақомоти маориф, васоят ва парасторӣ, комиссия оид ба ҳуқуқи кӯдак - барои додани шаҳодатномаҳои такрории таваллуд дар хусуси фиристодани кӯдакони ятим ва кӯдакони аз парастории падару модар маҳрумгардида ба мақомоту муассисаҳои давлатӣ, ки уҳдадории ҳимояи ҳуқуқи кӯдакон ба зиммаашон гузошта шудааст;

2) шаҳрвандон - барои ба онҳо додани шаҳодатномаҳои такрорӣ оид ба фавти хешовандони сафедкардашуда.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз 1 моҳи интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1964**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 373**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 15 феврали соли 2023, № 971**

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ БОҶИ ДАВЛАТӢ»

**Моддаи 1.** Дар банди 21) қисми 1 ва банди 3) қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» аз 28 феврали соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 51; с. 2005, №12, мод. 630; с. 2006, №12, мод. 541; с. 2008, №6, мод. 460, №12, қ.2, мод. 1000; с. 2009, №3, мод. 88; с. 2010, №1, мод. 8, мод. 10, №12, қ.1, мод. 823; с. 2012, №12, қ.1, мод. 999; с. 2013, №3, мод. 190; с. 2014, №7, қ.2, мод. 408; с. 2015, №11, мод. 968, мод. 969, мод. 970; с. 2016, №5, мод. 368; с. 2019, №4-5, мод. 231; с. 2020, №1, мод. 26; с. 2020, №7-9, мод. 615) калимаҳои «Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» ба калимаҳои «Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур 3 моҳ пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 1963**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 15 марти соли 2023, № 372**

# ҚАРОРИ

## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 18 январи соли 2023, № 966**



**Ҳар гоҳ устод Меҳмон Бахтиро ба ёд меорам, чеҳраи нуронӣ, чашмони андешаманд пеши рӯ меояд ва суханҳои пур аз меҳру оқилонааш, пур аз лутфу чун таронааш дарёвор ба гӯшам мерезад. Ҳанӯз овози ӯро хеле рӯшан мешунавам. Шӯхиҳои намакину пандҳои судмандашро. Ӯ марди ҳалиму меҳрубон буд. На дар дил кина мепарвариду на ғайбат мекард. Онҳое, ки бадӣ мекарданд, нодида мегирифт. Аз хубиҳои дигарон мегуфт ва нуқсони эшонро ба ёд намеовард. Ҷавонмарду дасткушод, маҷлисорову меҳрубон буд. Дар ҳар мансабе кор кард, тағйир наёфт, инсони заминӣ буд. Аз касе намеранҷид. Бадие медид, даст меафшонду мегуфт: «Ҳаволаи бад ба Худо».**

# ҶОИ Ӯ ДАР ДИДАҲОСТ

Ҳеҷ аз ёдам намеравад. Даврае аввали раисиаш дар Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба поён расид. Аз ҷумҳурӣ адибонро даъват карданд ва барои интихоби раис анҷуман оростанд. Устод Меҳмон Бахтӣ барои анҷуман маърӯзаи ҳисоботӣ тайёр карда буд. Матни он дар дасти нависандаи шинохта Маҷид Салим буд. Устод ба Маҷид муҳаббат дошт ва ҳамеша ӯро ҳамроҳ мегирифт. Даҳ-бист дақиқа пеш аз оғози анҷуман аз дасти Маҷид маърӯзаро гирифта аз назар гузаронд. Ба Маҷид арзи сипос кард ва матни маърӯзаро андаруни ҷузвдони гузошту таги каш кард ва ҳамроҳи чанд нафар аз ҳамкасбон ба ҳуҷрае ворид шуд...

Анҷуман оғоз шуд ва суханро барои ҳисобот ба раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ доданд. Ба минбар наздик шуд ва бо сабру тамкини ҳамешагӣ матни маърӯзаи болои минбар гузошту варақ гардонд. Чанд лаҳза дар ҳамон ҳолат монду синчакорона ба чеҳраи аҳли толор нигарист ва баъд суханронияшро оғоз кард. Шояд баъзеҳо пай набурданд, вале аксар ҳис карданд, ки қисмати аввали маърӯзаро бе когаз ба сомеон расонд...

Он рӯз касе бо ӯ «шӯхӣ» карда буд. Шояд гумон доштанд, ки дар ҳузури меҳмонон устод дастуро меҳӯраду ҷараёни анҷуман халалдор мешавад. Хушбахтона, ин тавр нашуд. Танҳо ҳангоми танаффус устод ногоҳ андешамандашро ба нуктае дӯхту гуфт: «Аҷаб дунёе! Одамон ба чӣ корҳое қодиранд». Ва дубора сари ин масъала баргашт. Аз касе гумон набурд ва касеро бад нагуфт. Душман накофт. Агар ба ҷои вай каси дигар мебуд, шояд ҳафтае тамоми имконоташро истифода мебурду шахси «ҳазлбоз»- ро пайдо меоварду шармандаи ду олам мегардонд, вале устод Меҳмон аз зумраи чунин одамон набуд...

Устод Меҳмон Бахтӣ ҳамеша ёвару маслиҳатгари адибони ҷавон буд. Ба ҳар восита дасти онҳоро мегирифту қаламашонро рост мегардид. Аз комёбиҳои онҳо шод мегардид. Аз замони мактабхонӣ дар бораи ӯ бисёр мешунидам ва асарҳояшро мутолиа мекардам, вале бахтдор бо вай вохӯрдам. Вохӯрии тасодуф буд ё амри қисмат. Бо рӯзномаи ноҳиявӣ «Қаротегини советӣ» («Оинаи Рашт») ҳамкорӣ доштаму дар мактаби деҳа ба бачаҳо дарс мегуфтам. Мақолаҳои гуногунам дар саҳифаҳои рӯзномаҳои «Қаротегини советӣ», «Газетаи омӯзгор», «Комсомоли Тоҷикистон» ва «Тоҷикистони советӣ» ба табъ мерасиданд. Гоҳ - гоҳ бо дастгирии шоири шинохта устод Ҷумъа Қувват шеърҳоямро дар рӯзномаи ноҳияи Комсомолобод (холо Нуробод) чоп мешуданд. Ба ҳайси омӯзгор мақолаҳои илмӣ-методӣ менавиштам. Чанд ҳикоя ҳам рӯи когаз омад, вале онҳо андаруни ҷузвдон болои ҳам мехобиданд. Ҷуръат намекардам, ки ҳикояҳоро ба устодон пешниҳод кунам. Метарсидам, ки ҳанӯз ба талаботи рӯз ҷавобгӯ нестанд. Устодон сахтгир буданд ва на ҳар кас метавонист ба майдони адабиёт роҳ ёбад.

Он рӯз аз дарс фориғ будам ва ба маркази ноҳия рафтаму сари қадам ба дидорбинии кормандони рӯзномаи «Қаротегини советӣ» даромадам. Сармуҳаррири рӯзнома Эмом Муҳиддинов марди меҳрубону кушодарӯ маро хуш пазируфт ва баъди пурсупоси маъмулӣ гуфт, ки Меҳмон Бахтӣ ба тарафҳои мо омадааст, шуморо суроғ кард. Ҳозир ба идораи рӯзнома меояд. Аз ин хабар даступо гум кардам.

- Муаллим, намедонед, ки барои чӣ маро суроғ кардааст?- беихтиёр пурсидам ман.

- Не, чизе нагуфт. Шояд ягон супориш дорад, ё меҳоҳад навиштаҳоятро хонда маслиҳат диҳад.

- Бори аввал бо устод вомехӯрам, муаллим. Мабодо камбудие карда бошам.

- Меҳмон ҷавонмарди оқилу доно ва ғамхори эҷодкорони ҷавон аст.

Баъд аз гузаштани чанд лаҳза устод ҳамроҳи яке аз кормандони Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия ба дафтари кории сармуҳаррир даромад. Бо акаи Эмом оғӯш кушода вохӯрӣ кард ва баъди пурсупос якбора ҷониби ман рӯй овард:

- Диловар, ин корат нағз не, додар,- чун шиноси дерина бо овози нарму мулоим гуфт ӯ ва дасташро барои вохӯрӣ ҷонибам дароз кард. - Душанбе меравӣ, назди мо намедароӣ. Ин ҷо меоем, суроғ намекунӣ. Мо аз шумо умеди зиёд дорем.

- Узр, устод,- бечуръатона посух гуфтам ман.

- Узрро як тараф мону минбаъд ба Душанбе омадӣ, сари қадам наздӣ мо ҳам даро, - маро аз хиҷолат раҳонда гуфт устод ва ба курсӣ нишасту ишора кард, ки мо ҳам нишинем.

Акаи Эмом ба пиёла чой рехта ҷониби устод дароз кард. Як қулт нӯшид ва пиёларо болои миз гузошта, аз нав риштаи суханро ба даст гирифт.

- Медонӣ, ки то ғалабаи Инқилоби Бухоро дар водии Рашт ҳавзаи адабӣ буд. Даҳҳо тан аз адибон дар асрҳои гуногун дар ин ҳавза фаъолият доштанд ва дар рушди адабиёти тоҷик саҳми чашмгир гузоштаанд. Бархе аз онҳо баъд ба Бухорову Намангон, Ҳиндустону Афғонистон рафтаанд. Ҷои таассуф аст, баъди барқарор гардидани Ҳукумати Шӯравӣ ин ҳавза аз байн рафт. Ҳамин тариқ, аз байни мардуми водии Рашт аҳён-аҳён қаламкашон ба воя расиданд. Онҳое, ки тавонистанд, дар шаҳри Душанбе истиқомат ихтиёр карданд. Танҳо шоир Ҷумъа Қувват тавонист ин ҷо фаъолияти меҳнатиро идома дода ва дар барбари ин шеъру достон эҷод кунад. Зуд-зуд ба Иттифоқи нависандагон меравад. Маслиҳат мепурсад. Офарин ба чунин ҷавонмардони шердил.

Устод як лаҳза лаб аз гуфтор мебандаду ба андеша фурӯ меравад. Касе садо баланд намекунад. Ӯ пиёлаи чояш хунукшударо холӣ мекунаду дубора риштаи кандашудаи суханро мепайвандад.

- Имрӯз ҳама имконият ҳаст. Мо ба хулоса омадем, ки ҳавзаи адабии водиро дубора эҳё кунем,- хулоса мекунад ӯ. - Масъулияти ичрои ин вазифаро ба дӯши ту мегузорем. Мақолаҳоятро мехонам. Чанд шеъратро Ҷумъа Қувват ба ман дод. Бад не, ками дигар заҳмат кашӣ, хуб мешавад. Фикр мекунам, ҳикоя ҳам менависӣ, бигиру биёр. Мебинем, маслиҳат медиҳем. Дар ноҳия ҷавонони боистеъдоду эҷодкор кам нестанд. Калонсолҳоро ҷалб кун. Онҳо ба ҷавонҳо маслиҳат медиҳанд, аз таҷриба мегиранд, ба ту ёрӣ медиҳанд. Гапамро фаҳмидӣ? Боқии суҳбат дар Душанбе. Канӣ бинем, аз уҳдаи кор мебароӣ?

Устод ин ҷо нуктаи таммат гузошт ва мавзӯи суҳбатро ба дигар тараф бурд. Анқариб дар соат суҳбатамон идома ёфт ва дар ангора гумон кардам, ки чандин сол боз ӯро мешиносаму борҳо ҳамсуҳбат будаем. Аз суҳбати ӯ бароям ҳалли бисёр мушкилиҳо осон гардид. Дар дил аз он афсӯс мехӯрдам, ки чаро се - чор сол пештар наздӣ вай надаромадам.

Баъди рафтани устод Меҳмон Бахтӣ ба қавли пирони деҳ миёнро аз ҳафт ҷой баста пайи ичрои супориш шудам. Он рӯзгор ноҳияи Тоҷикобод ба ҳудуди ноҳияи Гарм (холо Рашт) дохил мешуд. Аввал рӯйхати эҷодкорони калонсолу миёнасоли ноҳияро тартиб додам: Авродхони Шарифхӯҷа, Шуҷоъ Орзу, Рустамбеки Аммолӣ, Юсуфҷони Ҳоитӣ, Саидэҳсони Саид, Аҳлиддини Ҳоҷӣ, Муҳаббати Ҷомӣ, Маҷнун Сироҷ... Баъд эҷодкорони ҷавонро ба рӯйхат илова намудам: Мирзо Шералӣ, Роҳати Хушвақт, Мусаяб Абдулқодир, Нуриддини Садриддин, Абдураҳмони Забир, Мирзо Ҳомид, Мирзошоҳ Акобир, Раҳимҷони Муҳаммадҷон, Шодӣ Хорқаш, Фориғ, Дилафрӯзи Орзу...

Як ҳафта ба тартиб додани рӯйхат гузашт. Билохира онро анҷом додаму ба акаи Эмом пешниҳод кардам. Сармуҳаррир аз ҳисоби кормандони рӯзнома мудири шуъбаи ичтимоӣ Абдулло Давлатовро вобаста кард. Ҳамин тавр эҷодкоронро ба идораи рӯзнома даъват карданд ва маҳфили нахустин соли 1984 баргузор гардид. Бандаро раис интихоб карданду маҳфилро «Гулафшон» номиданд.

Эҷодкорон хеле фаъол буданд ва ба ҳафтае як маротиба дар идораи рӯзнома ҷамъ омада, асарҳои якдигарро баррасӣ мекарданд. Ду - се бор ба шаҳри Душанбе рафтам ва ба устод Меҳмон Бахтӣ аз натиҷаи кори маҳфил хабар додам. Табъаш хуш гардид. Фурсатро муносиб ёфта, як ҳикоямро болои мизи ӯ гузоштам. Ҳикоя аз рӯзгори чӯпоне қисса мекард.

- Ҳикояатро мехонаму баъд андешаҳоямро мегӯям,- гуфт устод.

Пас аз як моҳ устод ба Рашт омад. Аъзои маҳфил ӯро бо шӯру шағаб пешвоз гирифтанд. Ҳар кас талош мекард, ки ба устод наздиктар нишинад. Маҳфил дер давом кард.

Вақти рафтан устод аз сумкааш ҳикояро баровардаву ба дастам дод.

- Хондам. Бад не. Бадеияташ суст аст. Кор кунӣ, ҳикояи хуб мешавад. Фикрҳоямро пушти варақҳо навиштаам.

- Ташаккур, устод, - гуфтам дар ҷавоб.

Ба хона баргаштам ва саросема ҳикояро кушода навиштаҳои устодро хондам. Аз ҳаҷми ҳикоя бештар навишта буд. Он ҳикоя то ба ҳол дар бойгонии банда маҳфуз аст. Ба хотири дастхати устод Меҳмон. Баъдтар ҳикояи дигарам «Сағирадухтар» бо пешгуфтори устод Меҳмон дар рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» («Ҷавонони Тоҷикистон») чоп шуд.

Дере нагузашта чакидаҳои хомаи Нуриддин Садриддин, Мусаяби Абдулқодир, Роҳати Хушвақт ва Мирзо Ҳомид дар саҳифаҳои рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ ба табъ расиданд. Аъзои маҳфил муаллифи сатрҳо, Мирзо Шералӣ, Нуриддини Садриддин, Алишери Муҳаммадӣ ва Худододи Зайниддин ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуданд. Намунаи ашъори дигар қаламкашон дар маҷмӯаҳои дастҷамъӣ ва шакли китоби алоҳида чоп шуданд. Сол то сол сафи адибони ҷавон дар маҳфил меафзуд. Ҳоло ҳам эҷодкорони ноҳия он рӯзҳоро ба ёд оварда, ба устод Меҳмон аҳсант мехонанд, ки тавонист дубора ҳавзаи адабии Раштонро эҳё кунад.

Баъд аз соҳибистиқлолии кишвар низ устод Меҳмон барои пойдории маҳфили «Гулафшон» корҳои зиёдро анҷом дод. Маҳз бо дастгирии вай соли 2004 китобе бо номи «Адибони Рашт» ба табъ расид, ки намунаи чакидаҳои хомаи қаламкашии муосири ноҳияро дар бар мегирад.

Солҳои фоҷиаи миллӣ омадурафти устод Меҳмон ба ноҳияи Рашт зиёд шуд. Дар деҳаҳо бо мардум вохӯрӣ мегузаронд ва таъкид мекард, ки ба доми фиреби душманони миллат наафтанд. Ба ҳарфи хоинону ватанфурӯшон бовар накунанд.

Баъд аз ба сари қудрат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бештар фаъол шуд. Вай бо самимият дар бораи Сарвари давлат ҳарф мезад ва мегуфт, ки ин ҷавонмарди далер аз байни мардум бархостааст. Зиндагии мардуми деҳотро хуб медонад ва барои таъмини зиндагии осудаи халқ заҳмат мекашад. Ҳар кӣ агар миллатдӯст, Ватанашро дӯст дорад, бояд паҳлуи Сарвари давлат бошад.

Пас аз имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба деҳаҳои дурдаст ҳам сафар мекард. Вохӯрии вай дар деҳаи Нимич хеле хотирмон буд. Чойхонаи барҳавои деҳа барои гузаронидани чорабинию мувофиқ аст ва аз деҳаҳои дуру наздик одами зиёд ҷамъ шуд. Устод Меҳмон ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози сухан аз заҳматҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири ободии Тоҷикистон ва осудагии мардум сухан кард. Баъд дар бораи кори Маҷлиси намояндагон ва вазифаҳои он ҳарф зад. Дар бораи корҳои анҷомдодааш гуфт. Дар хатми сухан чанд шеър хонд. Ва он лаҳза, ки суханашро ба анҷом расонд, омӯзгори фанни суруди мактаби деҳа Саидқурбон Ҳаитов аз ҷо баланд шуд.

- Устод, беадабӣ нашавад, ба як суоли мо посух медодед. Ман омӯзгор ҳастам, аз фанни суруд ба бачаҳо дарс мегӯям. Ашъори шуморо мехонам ва сурудҳоеро, ки матнашон ба қалами шумо тааллуқ доранд, гӯш мекунаму лаззат мебарам. Ҳамин суруд ба ман бисёр писанд аст:

**Аз пайраҳаи борики**
**кӯҳпояи Кочон,**
**Омад ба лаби оби равон**
**маҳваши тобон.**
**Чун бар лаби рӯд омаду**
**бар об назар кард,**
**Ҳар мавҷ ба шӯр омаду**
**ҳар қатра ба туғён.**

**Кӯза ба об мезад,**
**Бо изтироб мезад.**
**Дар рӯи об кокул**
**Сад печутоб мезад.**

Рӯзе нест, ки сурудро якбор гӯш накунам. Аз он таачҷуб мекунам, ки шумо бо вуҷуди серкорӣ фурсат ёфта чанд рӯз поёни кӯҳпояи Кочон нишаста омадурафти духтарони парии чеҳраро тамошо карда, чунин шеъри баланд навиштед. Аҳсант мехонам ба шумо. Агар шумо лаҳзаҳои тасвиркардаатонро намедидед, шояд шеъратон ин қадар зебо намебаромад.

- Бародари азиз Саидқурбон,- табассуми зебо дар лаб гуфт устод,- ин суруд ба ман ҳам бисёр маъқул аст. Баъд фаромӯш накунед, ки шоир ҷое меистаду рӯҳаш дар оне воҳид ними дунёро тай карда, боз ба хонаи худ бармегардад ва дидаву шунидаашро рӯи когаз мерезад.

Мавҷи қарсак ва хандаи аҳли маҷлис бинои чойхонаро ларзонд. Суҳбати хотирмон буд. Сокинони деҳа аз гуфтаҳои устод иқтибос меоварданд барои тасдиқи фикр. Мегуфтанд, ки «ёд дорӣ, акаи Меҳмон дар ин масъала чунин гуфта буд».

Як ҳафта пеш аз вафоташ занг зад.

- Лаббай, - садо баланд кардам ман.

- Диловар, мо як гурӯҳи корӣ аз ноҳияи Лахш баромада истодаем. Ба ҳамроҳе омадем, ки бегоҳ ҳамроҳи шумо меистему пагоҳ корамонро дар маркази ноҳияи Рашт идома медиҳем.

- Нури дида, тоҷи сар,- ҳозирҷавобӣ кардам.

- Фаромӯш накун, ки гурӯҳи мо аз бист нафар зиёдтар аст.

- Ҳар кас ризқашро меҳӯрад.

- Ман аз маркази ноҳия чанд нафари дигарро даъват кардам, маъракаи калон мешавад. Ба фикрам сари роҳ аз Тоҷикобод чор-панҷ нафар ҳамроҳамон мешавад. Зӯрат мерасад?

- Аз ҳамдеҳаҳо ёрӣ мепурсам,- бо ҳамон оҳанг посух гуфтам.

Устод сукут варзид. Ба ӯ ҳалал нарасондам. Мунтазир шудам, ки ҳарфашро бигӯяд.

- Шӯхӣ кардам,- мешунавам овози ӯро. Дар Душанбеям. Шумоҳо пазмон шудам. Соҳили Сурхобу Сорбоғу Оби кабудро ёд кардам. Агар умр боқӣ бошад, як-ду ҳафта пас меоям. Соҳили дарё нишаста, розӣ дилро ба дарё мегӯем,- суханашро идома медиҳад.

- Аҷаб кори хайр мешавад, устод. Шуморо ҳам мардум ёд кардаанд...

Ҳафтае нагузашта, субҳи барвақт занги телефон баланд шуд.

- Шунидӣ?- мешунавам овози раиси ноҳияро.

- Оре.

- Чӣ нақша дорӣ?

- Ман ба роҳ баромадам. Мехоҳам дар ҷанозаи устод иштирок кунам.

- Ба мақомоти ичроия биё,- гуфт раис ва телефонро хомӯш кард.

Раиси ноҳия Раҳимҷон Муқимӣ ҷавонмарди шеърдӯсту фарҳангпарвар аст. Аз эҷодиёти бисёр адибони номӣ хабардор аст. Ба устод Меҳмон эҳтироми хоса дорад. Ҳар гоҳ эшон ба ноҳия меомаданд, аз суҳбаташ дур намешуд.

Лаҳзае, ки назди бинои Мақомоти ичроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Рашт омадам, саҳни ҳавлӣ чанд нафар суҳбат доштанд. Раис ҳамроҳи онҳо буд. Дастамро фишурду ҳамдардӣ баён кард. Ҳар кас дар бораи устод ҳарфи нек мегуфт.

«Ҷои ӯ дар дида буд, акнун ба дилҳо рафт», - хулоса кард раис ва овозаш ларзид. Ба чеҳраи ӯ нигаристам. Ашки шӯр рухсораашро тар карда буд. Дигар касе ҳарфе ба забон наовард. Дар ҳамон ҳолат ба мошинҳо савор шудем...

**Диловари МИРЗО,**
**«Садои мардум»**

Аз бойгонии олим

# ВИЖАГИҲОИ НАВРӮЗ ДАР БАДАХШОН

**Ҳангоми аз назар гузаронидани бойгонии доктори илмҳои филология, профессор Маҳрам Файзов дар баробари мактубу мақолаҳои илмии чопнашуда маводе дар бораи «Вижагиҳои Наврӯзи Помир» таваҷҷуҳи бандаро ҷалб намуд. То кунун касе аз муҳаққиқон дар ин бора чунин маълумоти фасеҳ надодааст. Ба ин хотир, зарур шумурдем, онро пешкаши хонандагон гардонем.**

Дар тасаввури мардуми Бадахшон рӯзи Наврӯз фариштаҳо аз осмон ба замин фаромада, ба мардум фаровонӣ, некуаҳволӣ ва хушбахтӣ меоранд. Хонаҳое, ки аз хасрӯбаву чирки порсола тоза нашуданд, манзилҳое, ки кинаву буғз ҳукмфармост, фариштаҳо дари онҳоро намекушоянд. Ҳамин ду: рӯбучини дохили хона ва оштиашии онҳое, ки бо сабабе дар миёнашон хусумат пайдо шудааст, вижагии Наврӯз мебошад.

Махсусияти дигар он аст, ки чанд рӯз пеш аз фарорасии Наврӯз дар кӯчаву майдонҳои шаҳру деҳоти Бадахшон мардони миёнасолу солхӯрда аз омадани Наврӯз ва соату замони ҷашн мужда мерасонанд. Онҳоро Донаврӯз ва Ҳоҷинаврӯз гӯянд. Донаврӯзу Хоҷинаврӯз либосҳои хосаи наврӯзӣ ба бар мекунанд, ки ранги алвон (сурх), доранд. Тоқии бадахшонии шероздор ба сар, рубоби бадахшонӣ ба даст, суруди «Наврӯзи баҳор омад»-ро мехонанд.

Ба бечорагон, ба пирону барҷомондаҳо дасти ёрӣ дароз кардан, ба рӯбучини хона кумак расонидан аз хислатҳои ҳамидаи деҳотиён мебошад. Дар деҳаҳои Бадахшон то ҷашни Наврӯз гӯсфанд ё нарбуз парвариш меёбад ва рӯзи ид дар хонаи озода онро хун мекунанд ва ин суннатро шогунӣ гӯянд.

Барои аз дохил сафед кардани девор ва шифти манзил як ҳафта омодагӣ мегиранд. Соҳибхоназанҳо ва дастёрдухтарони онҳо ба пок кардани хона ва шустушӯи либосу палос мепардозанд. Мардон барои сафед кардани хона, ба овардани сафедхок омодагӣ мегиранд. Овардани хоки сафед маросими аҷоибе мебошад, ки дар Рӯшон «хокдузд» ном дорад. Се рӯз пеш аз ид як нафар мардони хона барои овардани сафедхок сафарбар мешавад. Ӯ белу сабад гирифта ба кони сафедхок меравад. Шарти «хокдузд» ин аст, ки марди хоковардаро бояд касе набинад. Мабодо он мардони ба истилоҳ «хокдузд» якдигарро дучор оянд, нодида вонамуд мекунанд, то ки анъанаи онҳо вайрон нашавад. Марди хоковар вориди хона шуда, нидо мекунад: «Шогун баҳор муборак!». Аз дохили хона ба ӯ: «Ба рӯи шумо муборак!», - ҷавоб мегардонанд. Ин ибораҳои табрикотӣ аз қадимулайём дар Рӯшон ба тоҷикӣ – форсӣ роиҷ будааст. Мардони хона хоки овардаро ба зарфе рехта, бо он деворҳову шифти хонаро сафед мекунанд, занҳо ба девор аз орд гул мепартоянд, дар девори тарафи оташдон ситораҳо ва дар миёни онҳо моҳтоби калон мекашанд. Субҳи рӯзи сеюм кушоиши анъанаи (киши) хонавода ба вуқӯъ мепайвандад ва ба маслиҳати пешакӣ кишшикани хона бо салом меояд. Он мард ба саломҷӯии хона расида: «Шогун баҳор муборак!», - мегӯяд ва хонавода: «Ба рӯи шумо муборак!», - гуфта ҷавоб медиҳанд. Ин ибораҳои муборакбодӣ рӯзи ид дар кӯчаву бозору деҳаву шаҳристонҳои Бадахшон шунида мешавад. Мардум бо ҳамин ибора ба якдигар дуруд мефиристанд.

Шахси кишшиканро пешвоз гирифта, суфраашро мегиранд, худашро ба сафи дастархони дар шаҳсуфа оройфта ба нишастан даъват менамоянд. Баъд аз таом хӯрдан хайра макдам мегӯянд. Ӯ мегӯяд, ки салом омадааст ба фалон чиз. Шарт ин аст, ки ӯ ҳар чизеро, ки гӯяд, соҳибхона ҳамонро ба пешаш мегузорад. Ин оини куҳан дар Рӯшон то ҳол ногоҳ идома дорад. Хие барзагови корӣ, дигаре асп ё чизи дигареро ном мебарад. Аз ҳамин лаҳза дари хона ба рӯи ҳама боз мешавад. Яъне, киш бардошта мешавад. Дари хонаҳои тамоми деҳа боз мегардад, идгардӣ оғоз меёбад.

Дар Рӯшон гӯштингирӣ, рақсу бозӣ, арғунчакбозии духтарон дар як гӯшаи майдон, бузкашӣ ва пойгаҳ дар майдони дигар барпо мешавад. Тамоми рӯз мардум саргарми тамошои идгоҳ ва бегоҳ дар толори ҷамоатхона базми сурудхониву рақсу бозӣ то бевақтии шаб идома меёбад. Субҳи рӯзи дигар гардиши идонаи бачагон оғоз ёфта, онҳо ба кӯзачаҳои хеш банди думетра баста, аз бом ба равзанаи он кӯзачаро вориди хона сохта, тарона мехонанд:

**Куло ғуз-ғуз баҳор омад,**
**Бо юғу сипор омад,**
**лайлак аз пасор омад!**
**Чормағз биёр қар-қар бикун,**
**Равған биёр шар-шар бикун,**
**Тоқӣ биёр дар сар бикун,**
**Чизе бидеҳ хурсанд бикун!**



Дар кӯзачаҳои онҳо туҳфаҳои наврӯзӣ мегузоранд. То нисфи рӯз идгардаки кӯдакону наврасон идома меёбад. Ҷавонон бо тору рубобу даф дар гӯшаи бом бо овози баланд суруд мехонанд.

Туҳфаҳои идона қанду қандалот, гӯсфандак, бузак, уштурак, говак, кабкак, хулоса ба сурати ҳамаи ҷонварҳо аз парандагон ҳайкалчаҳои хамирӣ сохта, пешкаш мегарданд.

Рӯзи панҷшанбе ба зиёрати рӯҳи поки гузаштагон ба қабристон мераванд. Аз Яздони пок барои рафтагон мағфират ва оромии абадӣ металабанд.

Вижагии дигари Наврӯзи Бадахшон ин аст, ки хешовандон барои наздикони азодорашон либоси нав дӯхта, ба сияҳбардорӣ мераванд ва рӯзи ид ба онҳо мепӯшонанд. Мардум бо ин амалашон ҳам аз марҳум ёд мекунанд ва ҳам ҳадафи дигари ин амал он аст, ки тарс ва марг батадриҷ аз одамон дур раванд. Таъкид ҳам мекунанд, ки ба рағми марг ҳаёт идома дорад.

**Фароҳамсоз**
**Тилло НЕКҚАДАМОВ,**
**«Садои мардум»**

Ҳикмати зиндагӣ

# ЗЕБОТАРИН ГУЛ

**Ҳамаи ин басанда набуд магар, ки нав мехостам диққатамро ба китоб равона созам, ки писараке аз бозӣ хаставу нафасгир шуда, ба наздам омад. Ӯ рӯ ба рӯям истод ва дар холе ки сараш каме ба пеш хам шуда буд, бошавқ гуфт:**

**- Бубинед, ки ман чӣ ёфтам?**

**Дар дасташ гуле дошт, аммо ҳазор шоҳид лозим, то онро гул биномем. Гулбаргҳои болои сараш аз ташнагӣ ё аз камбуди нур пажмурда шуда, ҳоли риққатоваре дошт.**



Ба писарак гуфтам, ки гули хушкашро бардорад ва ба бозиаш баргардад. Табассуме сохтае ҳам кардам, то зудтар биравад. Сипас, ба китобам рӯ овардам.

Лекин писарак нарафт, омаду паҳлуям нишаст ва гулро ба димоғаш наздик оварду гуфт:

- Бисёр бӯи хуше дорад ва хеле зебост. Онро ба ҳамин хотир кандам... Барои шумо.

Он чиро, ки ба ман дароз кард, ба гул гуфтанаш забонам намегардад, охир мурда буд ё ба мурдан наздик. Дар он ҳеҷ ранги хоси гулҳо - сурх, зард ё норинҷӣ вуҷуд надошт. Аммо медонистам, ки бояд он гулро аз дасташ бигирам. Вагарна писарак аз ин ҷо рафтанӣ нест. Дастамро ба сӯи гул дароз карда гуфтам:

- Оҳ, ман ҳам ҳамин чизро мехостам!

Аммо писарак, ба ҷои он ки гулро ба дастам диҳад, онро ҳамчунон дар ҳаво нигоҳ медошт. Эй, вой... кӯдак намедид, ӯ нобино буд.

Вақте ки ба ӯ барои ин гули зебо бароям оварданаш миннатдорӣ кардам, овозам ларзид ва ашкҳоям зери нури хуршед дурахшиданд.

- Намеарзад! - гуфту лабханде заду дав-давон аз канорам рафт ва ба бозиаш идома дод. Комилан бехабар аз таъсире, ки он рӯз ба ман гузошт.

Ҳайрон шудам, чӣ гуна он писарак занеро, ки зери дарахти беди пир ба худ рафта нишастааст, метавонад бинад? Ё чӣ тавр аз мушкили ман пай бурд? Шояд бо чашми дил, ки барои ҳақиқатро диданаш кумак мекунад...

Бо чашмони кӯдаки нобиное билохира фаҳмидам, ки мушкил дар дунё нест, дар ман аст. Он рӯз қасам хӯрдам, ки зебоиҳои зиндагиро бубинам ва барои ҳар сонияи зиндагӣ, ки ба ман дода шудааст, шукрона кунам.

Пасон, он гули пажмурдаро ба димоғам бурдам. Бӯи садбарги зебое ба машамам расид. Он писарбачаро тамошо карда, худ ба худ табассум кардам: Ӯ гули дигаре дар даст мерафт, то ҳаёти пиразани дигареро тағйир диҳад.

*Шерил Л. Костелло Форши*

**Тарҷумаи**
**Маҳмудҷон УСМОНОВ, «Садои мардум»**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414189 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 108-и ноҳияи Шоҳмансур | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №108-и ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 27.03.2023 16:35:00 |
| 2 | 414182 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббӣ»-и шаҳри Истаравшан | Компютери рӯимизӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 6.04.2023 15:30:00 |
| 3 | 414183 | Муассисаи давлатии «Маркази хизматрасонии Обшорон» | Таҷҳизот | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 6.04.2023 15:50:00 |
| 4 | 414186 | Муассисаи давлатии таълимии «Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб» | Таъмиру тармими бинои асосӣ, хобгоҳ ва дигар иншооти ёрирасони Коллеҷи тиббии шаҳри Кӯлоб | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 6.04.2023 15:55:44 |
| 5 | 414188 | Шуъбаи маорифи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ | Лавозимоти лабораторӣ ва хониш, таҷҳизоти лабораторӣ, асбобҳои мусиқӣ ва нишонаҳо, молҳои варзишӣ ва таҷҳизоти идоравӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 414 | 6.04.2023 16:22:22 |
| 6 | 414187 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Насосҳои обӣ, сенсорҳои иттилоотӣ, автоматҳои барқӣ, клапанҳои электромагнитӣ, табдилдиҳандаҳои басомадӣ ва ноқилҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 6.04.2023 16:46:46 |
| 7 | 414190 | Корхонаи давлатии фаръии хоҷагии манзилию коммуналии шаҳри Истиқлол | Гузаронидани хати қубурҳои обгузар, воқеъ дар шаҳри Истиқлол (дар масофаи 4 километр) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 6.04.2023 17:00:00 |
| 8 | 414184 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии илмии саратоншиносӣ» | Маводи ташхисии лабораторӣ ва масрафшаванда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 21 | 6.04.2023 17:30:00 |
| 9 | 414192 | Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №50-и ноҳияи Сино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 6.04.2023 17:35:00 |
| 10 | 414193 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони толори варзишӣ, маҷлисгоҳ ва ошхона дар назди муассисаи таълимии №19 барои 320 ҷойи нишаст дар деҳаи Чубеки ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 6.04.2023 18:00:00 |
| 11 | 414194 | Раёсати сохтмони асосии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | Сохтмони бинои иловагӣ барои 320 ҷойи нишаст дар назди муассисаи таълимии №2-и деҳаи Пастиғави ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 6.04.2023 18:10:00 |
| 12 | 414195 | Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мастер - плёнкаҳо, қисмҳои эҳтиётии принтерҳо ва ноутбукҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 7.04.2023 08:30:00 |
| 13 | 414196 | Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Моеи дезинфексиякунӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 7.04.2023 08:30:00 |
| 14 | 414197 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Маводи доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 116 | 7.04.2023 10:20:00 |
| 15 | 414199 | Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Идомаи таъмири капиталии бинои шуъбаи ҷарроҳии калонсолони Беморхонаи марказии шаҳри Истаравшан | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 7.04.2023 13:13:13 |
| 16 | 414198 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Инвентарҳои мулоим ва молҳои канселярӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 25 | 7.04.2023 14:00:00 |
| 17 | 414201 | Раёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии вилояти Суғд | Либоси расмӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 7.04.2023 14:10:00 |
| 18 | 414202 | Корхонаи фаръии сохтмони асосӣ ва таъмири Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Балоиҳагирии коллектори канализатсионӣ ва иншооти партовобтозакунии шаҳри Роғун | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 7.04.2023 15:00:00 |
| 19 | 414191 | Беморхонаи марказии шаҳри Хоруғ | Реагентҳои лабораторӣ, плёнкаҳои рентгенӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 44 | 07.04.2023 17:00:00 |
| 20 | 414229 | Маркази ҷумҳуриявии зиддиэпизоотӣ | Ваксинаҳо бар зидди сироятҳои махсусан хатарнок | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 27.03.2023 18:04:59 |
| 21 | 414230 | Маркази ҷумҳуриявии зиддиэпизоотӣ | Ваксинаи вабои сумдард | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 27.03.2023 18:07:59 |
| 22 | 414249 | Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» | Таъмири асосии бинои филиали «Амонатбонк», воқеъ дар ноҳияи Файзобод, шаҳраки Файзобод, кӯчаи И. Сомонӣ - 53 (собиқ бинои филиали ҶСК «Агроинвестбонк» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.03.2023 11:35:00 |
| 23 | 414212 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маводи мулоим | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 29.03.2023 16:39:30 |
| 24 | 414222 | Корхонаи фаръии сохтмони асосӣ ва таъмири Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Насби насосҳои марказгурез бо муҳаррики электрикӣ оид ба обтаъминкунии деҳаи Талхоби Ҷамоати деҳоти Оқсуи ноҳияи Данғара | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.03.2023 16:50:00 |
| 25 | 414205 | Муассисаи давлатии «Боғи фарҳангу фароғатӣ ба номи Абулқосими Фирдавсӣ»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 5 | 7.04.2023 15:43:26 |
| 26 | 414204 | Муассисаи давлатии қароргоҳи «Сайёд»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Молҳои хоҷагидорӣ, канселярӣ, асбобҳои дастӣ, либосҳои махсуси корӣ ва нуриҳои минералӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 7.04.2023 15:50:16 |
| 27 | 414203 | Муассисаи давлатии «Раёсати оромгоҳҳо»- и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе | Ниҳоли гулҳо | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 7.04.2023 16:00:00 |
| 28 | 414207 | МД «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии фарҳанг ва иттилоот дар шаҳри Душанбе | Картриҷҳо ва жалюз | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 7.04.2023 16:10:00 |
| 29 | 414209 | Муассисаи давлатии «Интернати вилоятии наздимактабии ноҳияи Балҷувон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 22 | 7.04.2023 16:23:54 |
| 30 | 414208 | Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Маводи доруворӣ наркотикӣ (мадҳушкунанда) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 11 | 7.04.2023 16:25:00 |
| 31 | 414211 | Муассисаи давлатии «Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 7.04.2023 16:33:25 |
| 32 | 414215 | Беморхонаи клиникавии №1- и шаҳри Хуҷанд | Мебел, ванна, сутунпоя, кати тиббӣ ва курсии паркӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 108 | 7.04.2023 16:33:33 |
| 33 | 414219 | Муассисаи таҳсилоти томактабии №7 ба номи Она Отабоеваи шаҳри Панҷакент | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 41 | 7.04.2023 16:40:00 |
| 34 | 414217 | Муассисаи давлатии «Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон» | Таъмири ҷории бинои Муассисаи давлатии «Маркази байналмилалии тавонбахшӣ дар ноҳияи Балҷувон», корҳои сантехникӣ ва бетонӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 7.04.2023 16:41:25 |
| 35 | 414220 | Беморхонаи физиотерапивтии вилояти Суғд | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 38 | 7.04.2023 16:44:44 |
| 36 | 414214 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 7.04.2023 16:50:00 |
| 37 | 414221 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳритус» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 39 | 7.04.2023 16:50:50 |
| 38 | 414218 | Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Битуми маркаи БНД 70/130 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 7.04.2023 16:55:00 |
| 39 | 414223 | Филиали Раёсати сохтмони асосии МИҲД-и вилояти Хатлон | Корҳои лоиҳакашӣ, топографӣ ва геологӣ дар «Сохтмони бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №34-и деҳаи Селбури Ҷамоати деҳоти М.Маҳмадалиеви ноҳияи Восеъ барои 240 хонанда» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 7.04.2023 16:57:33 |
| 40 | 414210 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди минтақаи Ҳоити ноҳияи Рашт | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 7-04-2023 17:00:02 |
| 41 | 414224 | Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Гулистон | Бунёди дегхонаи гармидиҳӣ, гузаронидани шабакаи ягонаи гармидиҳӣ ва мумфаршкунии саҳнаи бинои навбунёди Нозироти андоз дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 7.04.2023 17:15:00 |
| 42 | 414226 | Филиали Раёсати сохтмони асосии МИҲД вилояти Хатлон | Корҳои лоиҳакашӣ, топографӣ ва геологӣ дар «Сохтмони бинои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №18-и Ҷамоати деҳоти Гулистони ноҳияи Восеъ барои 320 хонанда» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 7.04.2023 17:24:15 |
| 43 | 414225 | Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд | Хӯрокворӣ барои Маркази таълимии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Гулистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 86 | 7.04.2023 17:30:00 |
| 44 | 414227 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Асфалти гарми майдадона | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 7.04.2023 17:55:59 |
| 45 | 414228 | Муассисаи давлатии «Маркази шаҳрии бемориҳои пӯст ва зӯҳравии шаҳри Душанбе» | Реагентҳои лабораторӣ ва молҳои тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 34 | 7.04.2023 17:59:59 |
| 46 | 414240 | Рӯзномаи «Хатлон»- и вилояти Хатлон | Чопи рӯзнома ба шумораи 405000 дона бо оварда расонидан то анбори фармоишгар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 10.04.2023 08:50:10 |
| 47 | 414239 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Сино | Таъмири ҷории бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №47-и ноҳияи Сино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 09:00:00 |
| 48 | 414243 | Рӯзномаи «Хатлон»- и вилояти Хатлон | Чопи рӯзнома ба шумораи 378000 дона бо оварда расонидан то анбори фармоишгар | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 10.04.2023 09:05:20 |
| 49 | 414241 | Муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ- кӯдакистони №68»- и ноҳияи Сино | Таъмири ҷории бинои муассисаи давлатии таҳсилоти томактабии «Ширхоргоҳ- кӯдакистони №68»- и ноҳияи Сино | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 09:30:00 |
| 50 | 414244 | Муассисаи давлатии «Кохи Истиқлол»-и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Маҷмӯи корҳо оид ба ҳамворкунии хок ва обод гардонидани атрофи Муассисаи давлатии «Кохи Истиқлол»- и Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 10:00:00 |
| 51 | 414246 | Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино | Омодакунӣ ва насби банерҳо, лавҳаҳо ва овезаҳо дар биноҳои таълимию маъмурии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизмат-расонӣ | 1 | 10.04.2023 10:00:00 |
| 52 | 414247 | Раёсати коммуналӣ, истеҳсолӣ ва истифодаи манзилии ноҳияи Ёвон | Сӯзишворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 10.04.2023 10:50:15 |
| 53 | 414261 | Муассисаи давлатии «Гимназияи Оли Сомон» дар ноҳияи Ховалинг | Мизу курсӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.04.2023 10:56:49 |
| 54 | 414262 | Шуъбаи сохтмони асосии МИҲД-и ноҳияи Балҷувон | Сохтмони бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Сулдузи Ҷамоати деҳоти Сайф Раҳими ноҳияи Балҷувон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 11:08:45 |
| 55 | 414248 | Муассисаи давлатии «Беморхонаи физиотерапевтии ҷумҳуриявии ба номи Нурматов»- и шаҳри Хуҷанд | Маводи доруворӣ ва лавозимоти тиббӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 40 | 10.04.2023 11:11:11 |
| 56 | 414254 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Дарахтҳои декоративӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 10.04.2023 12:22:19 |
| 57 | 414256 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Ранги равғанӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 10.04.2023 12:28:39 |
| 58 | 414257 | Муассисаи давлатии «Истифодабарии роҳҳои ноҳияи Синои шаҳри Душанбе» | Ранги равғанӣ, асфалти хом ва ҷорӯби роҳрӯбӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 4 | 10.04.2023 12:34:21 |

**(Давомаш дар саҳ. 12)**

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

# ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

**(Идома аз саҳ. 11)**

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 59 | 414250 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 10.04.2023 13:20:00 |
| 60 | 414253 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 7 | 10.04.2023 13:30:00 |
| 61 | 414258 | Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи тиббию судӣ»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Либосҳои махсуси корӣ, молҳои канселярӣ, хоҷагидорӣ, барқӣ, асбобҳои барқии дастӣ, халатҳои тиббӣ ва дастпӯшакҳои тиббии яккарата истифодашаванда | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 47 | 10.04.2023 13:30:00 |
| 62 | 414259 | Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ | Таъмири ҷории бинои факултети таърих ва ҳуқуқ, боми бинои асосии донишгоҳ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 13:43:01 |
| 63 | 414251 | Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 6 | 10.04.2023 14:15:23 |
| 64 | 414255 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Рӯдакӣ | Асбобу анҷоми лабораторӣ ва хониш, таҷҳизоти лабораторӣ, мебели мактаб, асбобҳои мусиқӣ ва таҷҳизоти оргтехникӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 385 | 10.04.2023 15:45:45 |
| 65 | 414260 | Раёсати истифодабарии роҳҳои ноҳияи Шоҳмансур | Қисмҳои эҳтиётии автомобилӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 82 | 10.04.2023 16:56:56 |
| 66 | 414245 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Нуробод | Сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 3 | 10.04.2023 18:00:34 |
| 67 | 414231 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Тартиб додани сутунҳо. Ҳаҷм: 51,3 $м^3$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 18:54:00 |
| 68 | 414235 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Тартиб додани сутунҳои оҳану бетонӣ. Ҳаҷм: 144,7 $м^3$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10-04-2023 19:13:00 |
| 69 | 414236 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Идомаи корҳои бетонӣ. Дастгоҳи плитаҳои таҳкурсии оҳану бетонии беболор. Ҳаҷм: 150,1 $м^3$) | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 19:20:00 |
| 70 | 414237 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Сохтмони биноҳои иловагӣ дар МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (Идомаи корҳои бетонӣ. Дастгоҳи плитаҳои таҳкурсии оҳану бетонии беболор). Ҳаҷм: 97,7 $м^3$ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 10.04.2023 19:30:00 |
| 71 | 414238 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» | Маҳсулоти чопӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 46 | 10.04.2023 19:35:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ЧТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

# ҲИСОБОТИ ҲИЗБИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛИ 2022

**Дар соли 2022 Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон чунин нишондиҳандаҳои фаъолияти молиявӣ – иқтисодӣ аз рӯи даромадҳо ва хароҷот (бо сомонӣ) дорад:**

**ДАРОМАД:**

1. Ҳаққулузвияти ҳизбӣ - 50000
2. Фаъолияти нашриётӣ -
3. Фаъолияти истеҳсолӣ - хоҷагӣ -
4. Ҳаққулузвияти ихтиёрӣ (сарпарастон) - 5000
5. Ҳамагӣ - 55000.

**ХАРОҶОТ:**

1. Барои гузаронидани корҳои ташкилӣ - ҳизбӣ ва чорабиниҳои оммавӣ - сиёсӣ - 20000.
2. Пардохти музди меҳнат -
3. Супоридани андоз, маблағҳои ҷудошуда ва фонди ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ -
4. Хароҷот барои сафарҳои хизматӣ - 5000
5. Хароҷот барои хоҷагидорӣ: пардохт барои истифодаи қувваи барқ, хизмати алоқа ва иҷораи утоқҳои корӣ - 1000
6. Хизматрасонии бонкӣ -
7. Баровардани рӯзномаҳо, плакатҳо, дар интихоботи миёнадаврӣ оид ба пешбарии номзад ба вакили Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе - 25000
8. Фаъолияти эҳсонкорӣ - 4000
9. Ҳамагӣ - 55000.

**ЭЗОҲ:** Ҳамаи маблағҳои дар ҳисобот нишондода дар кумитаҳои ҳизбии вилоятӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ даромад ва хароҷот шудаанд.

**Раҳматзода Рустам,**
**раиси Ҳизби ислоҳоти иқтисодии Тоҷикистон**

# ЭЪЛОН!

Мудири махсуси ҶСК «Агроинвестбонк» ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон-амонатгузорони бонк ва дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ мерасонад, ки бо мақсади ҳисоббаробарӣ намудани уҳдадориҳои бонк, аз рӯи навбатҳои тибқи моддаи 35-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» муайяншуда ва феҳристи тасдиқшудаи талаботи қарздеҳон, номгӯи амволи дар тавозун мавҷудбударо тариқи музояда ба фурӯш мебарорад.

Музояда **18-уми апрели соли 2023, соати $10^{00}$** дар бинои бонк, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони Ҷ. Расулов - 67 (рӯбарӯи Раёсати Бозрасии давлатии автомобилӣ) барпо мегардад. Музояда бо тартиби англисӣ гузаронида мешавад.

Аризаҳо барои иштирок то 11-уми апрели соли 2023 қабул карда мешаванд.

Маълумоти иловагӣ оиди амвол тавассути телефонҳои зерин пешниҳод карда мешавад: 44 600-53-29, 44 600-59-00.

## РӮЙХАТИ МОЛУ МУЛКИ ҶСК «АГРОИНВЕСТБОНК» КИ БА МУЗОЯДА БАРОВАРДА ШУДААНД

| № т/р | Номгӯйи молу мулк ва суроға | Масоҳати умумии қитъаи замин ($м^2$) | Масоҳати умумии биноҳо ва иншоотҳо ($м^2$) |
|---|---|---|---|
| 1 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, Ҷамоати деҳоти Симиганч, деҳаи Арбобӣ | 800,00 | 128,10 |
| 2 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи Ҷ. Икромӣ, №65 | 410,00 | 189,20 |
| 3 | Бинои мағозаи 2-ошёна дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Деҳотӣ-65 | 356,30 | 392,90 |
| 4 | Бинои мағоза дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Аёмбеков - 33/1 | 75,50 | 104,48 |
| 5 | Бинои мағоза дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Аёмбеков, х.8 | 330,00 | 36,00 |
| 6 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Деҳотӣ-56/1 | 562,00 | 158,39 |
| 7 | Автомашинаи (нақлиёти махсус) Фолксваген, соли барориш - 2001 | | |
| 8 | Автомашинаи (нақлиёти махсус) Фолксваген, соли барориш - 2001 | | |
| 9 | Автомашинаи Нисан Санни, соли барориш - 2011, Автомашинаи (мусофиркаш) Донг Фен, соли барориш - 2006 | | |
| 10 | Автомашинаи ГАЗ (ГАЗел), соли барориш -2002 | | |
| 11 | Автомашинаи ВАЗ (2107) соли барориш - 2008 | | |
| 12 | Автомашинаи Мерседес бенс (с 180), соли барориш - 1994 | | |
| 13 | Маҷмӯи дастгоҳ ва таҷҳизоти корхонаи хурди истеҳсоли равған, воқеъ дар шаҳри Душанбе, хиёбони С.Шерозӣ - 21, (собиқ Саридораи бонк) | | |
| 14 | Боғҳои ҳосилдеҳ дар майдони 64 га, воқеъ дар ноҳияи Ҷиликӯл, Ҷамоати деҳоти Гаровтӣ, деҳаи Ачисел | 64 га | |
| 15 | Боғҳои ҳосилдеҳ дар майдони 188 гектар, воқеъ дар ноҳияи Ёвон, Ҷамоати Норин, деҳаи Бош Қайнар | 188 га | |
| 16 | Филиали бонк дар ноҳияи Шаҳристон, кӯчаи Истаравшан - 29 а | 800,00 | 173,30 |

## РӮЙХАТИ АМВОЛИ ҒАЙРИМАНҚУЛИ БА МУЗОЯДА БАРОВАРДАШУДА ДАР ҶСК «АГРОИНВЕСТБОНК», КИ БЕ КӮЧОНИШ ҚАРОР ДОРАНД.

| № т/р | Номгӯйи амволи ғайриманқул ва суроғаи онҳо | Масоҳати умумии қитъаи замин ($м^2$) | Масоҳати умумии биноҳо ва иншоот ($м^2$) |
|---|---|---|---|
| | **шаҳри Душанбе** | | |
| 1 | Манзили истиқоматӣ, 3/7 ҳисса, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, хонаи №157 | 0,03 | 60,10 |
| 2 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаҳҳоров, гузаргоҳи 9 х.122) | 0,04 | 406,10 |
| 3 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Бинокорон, хонаи №6/1 | 0,02 | 98,60 |
| | **ноҳияи Рӯдакӣ** | | |
| 4 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Зайнабобод, деҳаи Шараф | 0,12 | 104,50 |
| | **шаҳри Ваҳдат** | | |
| 5 | Иморат, воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, кӯчаи Дӯстматов - 2 | 0,45 | 143,40 |
| | **ноҳияи Варзоб** | | |
| 6 | Минтақаи истироҳатӣ, воқеъ дар ноҳияи Варзоб, Ҷамоати деҳоти Варзоб-қалъа, деҳаи Ғусғарф | 0,52 | 30,10 |
| 7 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Варзоб, деҳаи Ҷангалак | 0,06 | 100,00 |
| | **ноҳияи Тоҷикобод** | | |
| 8 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Тоҷикобод, Ҷамоати деҳоти М. Шогадоев, деҳаи Зарафшон | 0,10 | 0.140.3 |
| | **шаҳри Турсунзода** | | |
| 9 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, Ҷамоати Қаратоғ, деҳаи Шунук | 0,07 | 76,40 |
| 10 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Турсунзода, кӯчаи М. Миршакар, хонаи 12 | 0,04 | 274,90 |
| | **ноҳияи Шаҳринав** | | |
| 11 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Шаҳринав, Ҷамоати Истиқлол, деҳаи Истиқлол | 0,05 | 254,80 |
| | **ноҳияи Дӯстӣ** | | |
| 12 | Анбор, воқеъ дар ноҳияи Дӯстӣ, Ҷамоати 20 - солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, деҳаи Кӯҳдоман | 0,08 | 153,00 |
| | **ноҳияи Мастчоҳ (Бӯстон)** | | |
| 13 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Оббурдон, кӯчаи Навобод, хонаи №1 | 0,10 | 131,10 |
| 14 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Оббурдон, кӯчаи Н.Салимов, хонаи 22 | 0,11 | 228,20 |
| 15 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Оббурдон, кӯчаи Истиқлол, хонаи №28 | 0,10 | 238,90 |
| 16 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Оббурдон, кӯчаи Шомуродов, хонаи №17 | 0,10 | 283,40 |
| 17 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, деҳаи Оббурдон, кӯчаи Н.Салимов №18 (Болтуев А.К) | 0,13 | 363,70 |
| 18 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Мастчоҳ, Ҷамоати деҳоти Оббурдон, кӯчаи Ф.Зиёев, хонаи №17 | 0,13 | 513,50 |
| | **ноҳияи Б. Ғафуров** | | |
| 19 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар ноҳияи Б.Ғафуров, Ҷамоати деҳоти Хистеварз, кӯчаи Ғ. Саркор, хонаи №13 | 0,11 | 346,50 |
| | **шаҳри Исфара** | | |
| 20 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Исфара, Ҷамоати деҳоти Ворух, кӯчаи Б.Мусоев б/р. | 0,07 | 97,00 |
| 21 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Исфара, кӯчаи Мулодо, хонаи 17 | 0,10 | 242,00 |
| | **шаҳри Хоруғ** | | |
| 22 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Гагарин, х. 63/2 | 0,00 | 141,00 |
| 23 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Карамшо – 20 | 0,15 | 250,70 |
| 24 | Манзили истиқоматӣ, воқеъ дар шаҳри Хоруғ, кӯчаи Карамшо - 68/4, к. 17 | 0,00 | 61,50 |

# ЭЪЛОН!

Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои амалӣ намудани қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 13-уми январи соли 2023 таҳти №11 «Дар бораи муваққатан ҷойгир намудани сутунпояҳои махсуси алоқаи мобилӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе» ОЗМУНИ КУШОД эълон менамояд.

Ба таваҷҷуҳи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони ватаниву хориҷӣ мерасонем, ки онҳо метавонанд бо пешниҳоди лоиҳаҳои махсуси алоқаи мобилӣ (Опоры двойного назначения) дар озмун иштирок намоянд.

Барои гирифтани маълумоти бештар оид ба лоиҳа метавонед бо суроғаи кӯчаи М. Қурбонов - 25, Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)» ё бо телефони: +992 (37) 227- 23-28 ё бо почтаи электронӣ: **tender@dsc.tj** муроҷиат намоед.

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд - ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд, ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи як лот, ки аз тарафи шарики рушд - Маркази хайрияи Шоҳ Салмони Арабистони Саудӣ дастгирӣ меёбад, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи лоиҳаи «Рамазон» (KSHA & RC):**

**Лоти 1: Ҳамлу нақли (боркашонии) маҳсулоти озуқаворӣ ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ**

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосӣ ва иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём - 120 бо унвонии «Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон», шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳое, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо: то 28-уми марти соли 2023, соати $09^{00}$ бо вақти Душанбе муайян карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 18 марти соли 2023, соати 18:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора С. Суннатӣ ва Б. Каримов

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97